НАШРИЁТИ «АДИБ»



**ГУЛРУХСОР**

# ОФТОБ ДАР СОЯ

***(Дафтари ғазал)***

Душанбе
«Адиб»
2016

ББК 84 Тоҷик 7-5
Г-39

Муҳаррир *Рустами Ваҳҳоб*

Г-39 **Гулрухсор. Офтоб дар соя** *(дафтари ғазал)*.
– Душанбе, «Адиб», 2016, 200 саҳ.

«Офтоб дар соя», намунаест аз ғазалиёти интихоб ва таҳриршудаи барандаи ҷоизаи давлатии ба номи устод Рӯдакӣ, шоири халқии Тоҷикистон Гулрухсор.

Аз маҷмӯаи «Паймонаи ғазал», (Москва, 2000) ва «Сад ғазал», Хуҷанд, 2007) низ истифода шудааст.

ISBN 978-99947-2–-

© Гулрухсор, 2016

*  *  *

Ту на онӣ, ки туро чун ҳамагон бишносам,
Беш з-онӣ, ки туро беш аз он бишносам,

Дар ҷаҳоне, ки ба ҷуз одамӣ дигар ҳама ҳаст,
Омадам, то ки туро ҳамчу ҷаҳон бишносам.

Зиндагиро, ки ҳавову ҳаваси худхоҳист,
Зи нафаскоҳии умри гузарон бишносам.

Сурати зарраи кайҳонаму парвонаи ҷон,
Сирати хеш зи рахшонии ҷон бишносам.

Себ гандум шуду гандум таги оси дандон,
Сангро пунбакаши дони равон бишносам.

Гунаҳи гандумии себ агар собит аст,
Гунаҳи мардумии хеш гарон бишносам.

Омадам, то ки ҷаҳоне зи ҷаҳон бишносам,
Ишқро аз назари пири ҷавон бишносам.

Халқ дар кишвари сайёраи худ сарсон аст,
Хешро аз худи бегона чӣ сон бишносам?!

*2016*

* * *

Аз дуди гуноҳ шӯълагирам, бе ту,
Аз уди нигоҳ дар нагирам, бе ту,

Дар дафтари шаб варақ, варақ шарҳи шафақ,
Дар нолаи мурғи ҳақ нафирам бе ту,

Дар олами беодами ғамзоии хеш,
Аз ҳуру малак канорагирам, бе ту.

Монанди чанор аз дарун месӯзам,
Месӯзаму лек дар нагирам бе ту.

Бо донаи гандуме биҳиште додам,
Аз себи фиреб бар нагирам бе ту.

Ҳарчанд шиори ошиқон озодист,
Озодаи озодасирам бе ту.

Аз ишқ сухан бигӯ, агар гап дорӣ,
Аз ҳаҷр сухан магӯ, ки мирам бе ту!

*2016*

* * *

Вақте ки ман зебо будам, дунёи ман зебо набуд,
Дар дафтари сабзи ғазал пайғоми Мавлоно набуд,

Дар хандаҳои гулдара, дар нағмаҳои бефара,
Нури булӯри шаршара дурри шарарафзо набуд.

Моҳи асал буд беасал, девони руъё бемасал,
Дар ҷилваи тасвирҳо дирӯзро фардо набуд.

Вақте ки ман фар доштам, аз ишқ афсар доштам,
Дар пойи дил сар доштам, чашми фалак бино набуд.

Вақте ки базморо будам, дар хандаам ғам мегирист,
Байни замину осмон монанди ман танҳо набуд.

Вақте ки ман шайдо будам, дар заррахо пайдо будам,
Шайдои ман пайдо набуд, пайдои ман шайдо набуд.

Вақте ки ман даф мезадам, каф мезадам, таф мезадам,
Дар хонақоҳи ошиқон шӯри малак барпо набуд.

Вақте ки байни ишқу ман хуршед будӣ чархзан,
Дар маҳшари рақси самоъ
Шамсулҳаку Мавло набуд…

*2015*

*   *   *

Як манзара бефар шуд,
як гулдара абтар шуд,
Як базм бишуд мотам,
як дилкада сангар шуд.

Як ҷоми булӯри ишқ
аз санги хато бишкаст,
Як омада бе ман рафт,
як н-омада музтар шуд…

Бо рафтани як руъё,
дар маҳшари ду дунё,
Байни ману танҳоӣ,
ҷанги дигаре сар шуд…

*2015*

*  *  *

Маъние нест дар ин маънии бе ту будан,
Бе ту сарсабзу ҷавон будану хушрӯ будан.

Бе ту гул будану гул чидану гул коридан,
Бе ту дил додану дил бурдану дилҷӯ будан.

Бе ту чун ток ба тори тани худ печидан,
Бе ту хандидану бишкуфтану ҷоду будан.

Бе ту аз ашк гуҳар сохтану пошидан,
Бе ту ғам хӯрдану кам гаштану дилрӯ будан.

Хандаи ғунча магар фалсафаи маънӣ нест,
Аз ҳаросонии нашкуфтану тарсу будан?!

Ишқро ҳаст агар маънии беш аз маънӣ,
Маъние нест дар ин маънии бе ту будан!..

*2014*

*   *   *

Шӯъла дар даҳони дуд оташи забон дорад,
Офтоб дар соя ранги заъфарон дорад.

Ҳарза месарояд ёд, бӯса мерабояд бод,
Бенишонии ҳастӣ ҳастии нишон дорад.

Мечакад зи чашми фар ашки хоку хокистар,
Ӯд аз итоби сӯз накҳати фиғон дорад.

Дар муҳити бефазлӣ адл ҷаҳлдастур аст,
Бехирад агар бар даст парчами замон дорад.

Разми нур бо зулмат ҷовидона хоҳад буд,
Офтоб дар соя ранги заъфарон дорад.

*2014*

* * *

Дар зарра тӯфон кам шудаст,
Дар вола исён кам шудаст,

Дар шонаи ларзони ишқ,
Зулфи парешон кам шудаст.

Дар сӯзи чашми ошиқон,
Барқи шерарҷон кам шудаст.

Дар болҳо рақси самоъ –
Илҳоми ирфон, кам шудаст.

Дар фолҳо эҳсони ҳақ
Пайғоми кайҳон кам шудаст,

Дар барги сабзи номаҳо,
Асрори ёрон кам шудаст.

Дар боғҳо, дар боғҳо,
Мурғи Сулаймон[1] кам шудаст!..

*2014*

[1] Ҳудҳуд, мурғи Сулаймон, мурғи номабар, ки гӯиё номаҳои ҳазрати Сулаймонро ба малика Билқис мебурдааст.

*   *   *

Афсонаи маҳзун аст гул рехтани гулҳо,
Бо хору хаси кӯча омехтани гулҳо.

Аз наъраи тири шаб, дамкоҳи нафири шаб,
Аз боғи биҳишти хеш бигрехтани гулҳо.

Дар авҷи шукуфоӣ, мафтуни фиребоӣ,
Пажмурдаву парканда пар рехтани гулҳо.

Дар чанги сиёҳи бод, ҳар барг кафи фарёд,
Ҷон кандану номурдан, ҷон бехтани гулҳо.

Дар боғ на булбул монд, на машъалаи гул монд,
Аз ҷабри муғул ёдест бигрехтани гулҳо…

*2013*

*   *   *

Ин зинда бо хаёли ту аз марг ғофил аст,
Ин ханда аз сурури ту зангӯлаи дил аст,

Ин чашма сози розҳо аз ту рабудааст,
Ин рӯд аз шитоби ту гӯӣ муҳосил аст.

Ин кӯча дар хаёлҳо танҳо ба номи туст,
Ин боғ бо зуҳури ту хушрангу хушгил аст.

Беҳуда хона меҳарӣ дар як канори шаҳр,
Ҷойи ту, хонумони ман, дар хонаи дил аст!

*2013*

*   *   *

Бо хаёлат лолачинӣ меравам,
Моҳи навро ҳолачинӣ меравам,

Рӯйи гармои само зард асту сард,
Сурхсармои заминӣ меравам.

Дар кафам ойинаи рашку хумор,
Худ надидан, ғайрбинӣ меравам.

Бе ту ман бо сояи худ қаҳриям,
Бе ту кай ҳамсояшинӣ меравам?

Нуктаи бенуқтаи эҷоди ман,
Аз ту худро дидабинӣ меравам.

Бо хаёлат дар зимистон парзанон,
Аз бароят лолачинӣ меравам.

*2015*

*  *  *

Нур омад, чашми зулмат кӯр шуд,
Офтоб омад, сиёҳӣ дур шуд,

Бо тариқат ёри ҳақ, асрори ҳақ,
Роз буд, мастур буд, машҳур шуд.

Тӯдароноландаву боланда дид,
Аз сафар сӯйи падар масрур шуд.

Аз замин пар боз кард, парвоз кард,
Ҳақрави ҳақ аз халоиқ дур шуд.

Аз Нишобур ишқ то Бағдод рафт,
Ишқ ҳам Ҳаллоҷ[1], ҳам Мансур[2] шуд…

*2012*

---

[1] Ҳаллоҷ, оне, ки бо чӯби махсус пунбаро аз дона ҷудо мекунад.
[2] Мансур, пирӯз, ғолиб.

*   *   *

Панҷа бар домони ҳақ буд,
Дида бар кайҳони ҳақ буд,

Зери гардун раҳгузар не,
Ҳақназар, ҳақдони ҳақ буд,

Рам набуд ӯро зи «рамма»,
Сарбадоронро сабақ буд.

Мазҳаби бемазҳаби ишқ,
Мактаби имони ҳақ буд.

Бо тулӯъи ҷовидона,
Дар ғуруби худ шафақ буд,

Ҳукми маргаш як ишора,
Шарҳи ҳолаш сад варақ буд.

Сури мансурии Ҳаллоҷ
Аз анал-ҳақ то ба Ҳақ буд…

*2010*

*       *       *

Дур аз ҳама адовату тазвир, ишқи ман,
Дар сабки байти шаршара тафсир, ишқи ман,

Аз ҳиммату саховати ҳақдод розиям,
Эҳсони одамофари тақдир, ишқи ман.

Қурбониёни рози ту ҳурони ҷаннатанд,
Фӯлоду шиша, пахтаву шамшер, ишқи ман.

Хунхор нестӣ, вале озорпарварӣ,
Сайёду сайду дашнаву сартир, ишқи ман.

Синни туро зи осмон пурсон шудам, нагуфт,
Аз моҳу меҳр баски туӣ пир, ишқи ман.

*2012*

*    *    *

Фасли гул рақси саборо дӯст хоҳам дошт,
Гулшани рангинқаборо дӯст хоҳам дошт.

Зиннати покизадори миллати ҳастӣ,
Мазҳаби шабнам, сафоро, дӯст хоҳам дошт.

Рӯйнодидон зи ишқистони мо рафтанд,
Рафтаи норафтаҳоро дӯст хоҳам дошт.

Дар ҷамоли баркамоли савсани ваҳшӣ,
Соҳири пинҳонлиқоро дӯст хоҳам дошт.

Сирати ҷонро зи чашми зарра хоҳам дид,
Сурати яздоннаморо дӯст хоҳам дошт.

Дар зуҳури ин ҳама эъҷози кайҳонӣ
Ишқ, пайғоми Худоро, дӯст хоҳам дошт.

*2010*

*    *    *

Маро ҳузни ғурури бепаноҳ аст,
Туро ҳусни сурури ҷилвахоҳ аст,

Маро хокистари сарди ҳавасҳо,
Туро тобу таби ҳангомахоҳ аст.

Маро аз хашмҳо то худ рамидан,
Туро бо чашмҳо рақси нигоҳ аст.

Туро дар ҳар шарора сад назора,
Маро дар ҳар ишора барфи оҳ аст.

Пари мизон ба мижгони дарахтон
Зи меҳмони хазон узри гуноҳ аст.

Хати барги хазон дар панҷаи бод
Фари оғозро анҷомхоҳ аст.

Фиғони турнаҳоро ман сурудам,
Суруде, ки дуруди ашку оҳ аст…

Туро ишқе, ки пайғоми сабоҳ аст,
Маро ишқе, ки саранҷоми роҳ аст…

*2011*

*  *  *

Мерасад аз самои ишқ,
Бонги сано, санои ишқ.

Ҳамчу сафири офтоб
Ҷилва намо, ҷилои ишқ.

Азми сафар намудаӣ,
То ба куҷо, куҷои ишқ?

Н-омада чун ҳамеравӣ
Аз мани мо,Ҳумои ишқ?!

Монда шарори оташак
Ахгари барфсои ишқ?

Шом шуд, офтоб рафт,
Нур физо, лиқои ишқ!

Вақти намози шом шуд,
Пар бикушо, дуои ишқ.

Фарзи намози хуфтан аст
Пеши Худо, санои ишқ!..

*2012*

*  *  *

Интизори наомада, рафта,
Дар хумори наомада, рафта,

Умри худро ҳисоб хоҳам кард
Дар шумори наомада, рафта.

Пургулу пурҷавона хоҳам монд
То баҳори наомада, рафта...

Бори рашку хумор хоҳам баст
То канори наомада, рафта.

Сад гунаҳро савоб хоҳам сохт
То ба дори наомада, рафта.

Дар сари санг боғ хоҳам кард
Гулнисори наомада, рафта.

Ошиқона анор хоҳам хост
Аз чанори наомада, рафта.

Ишқи худро нақот хоҳам дод,
Аз ниқори наомада, рафта…

*2011*

*   *   *

Он фасл, ки навбаҳор буд, дигар нест,
Он пушта, ки гулнисор буд, дигар нест.

Он субҳ, ки дар ахтари гавҳарбораш
Олам алами шарор буд, дигар нест.

Он дида, ки ойинаи безангораш
Покиза чу чашмасор буд, дигар нест.

Он барқ, ки аз дурии як умри нафас
Раъдофари муждаёр буд, дигар нест.

Он дарраи гулкиштаи африштамакон,
К-оҳубара дар канор буд, дигар нест.

Оне, ки хумори ваъдаи дидораш
Оғози ду сад баҳор буд, дигар нест!

*2010*

*    *    *

Парфишон омадаам сӯйи ту аз мулкати нур,
Дар ҳавои нафасам сӯзи табу нагҳати сур.

Як чаман қаҳқаҳаву замзамаву нолаву нол,
Як ватан фоҷиаву фотиҳаву ҳузну сурур.

Ҳамчу андешаи дар пойи ҳавас печида,
Ҳамчу ғампешаи бо нойи нафас валвалаҷӯр.

Ҳамчу як байти зи девони фалак бетаҳрир,
Ҳамчу як шаъшааи хотираи хотири дур...

Ҳама оғозаму эъҷозаму парвозаму роз,
Гӯши хуни ту кар аст, дидаи эҳсоси ту кӯр!..

*2009*

*    *    *

Фасли беишқ бефараҳшон аст,
Зарддастону сардилҳон аст.

Гунаҳоям дигар намесурхад,
Лолаи ҳаҷр ранги ҳиҷрон аст.

Чашмҳоям дигар намехандад,
Дидаро ашк дуди чашмон аст.

Шонаҳоям дигар намеларзад,
Нолаи захми куҳна пинҳон аст.

Панҷаҳоям дигар намерақсад,
Мотами ишқ базми Кайвон аст.

Мурдани Ишқ марги сайёра,
Мурдани ишқ марги Инсон аст!

*2012*

* * *

Дар ҳавои тоза оҳанги ҳаворо нашканед,
Дар зуҳури қатра оранги сафоро нашканед,

Бишкуфад ҳар ғунчаи наврӯ ба фасли хештан,
Хандаи серӯзаи гулнорҳоро нашканед.

Гӯри ҳар кас дар ҳисори тор ё равшан, ҷудост,
Дар мазори орифон шамъи зиёро нашканед.

Аз набудан то фузудан, сад қафас бишкастаем,
Дар нафас бишкастаи нашкастаморо, нашканед.

Бе садаф гавҳар бимирад, эй ки заргар нестед,
Ҷавҳари ойинаи ойинаҳоро нашканед.

Мушти ҷаҳли хешро кӯбед бар фарқи аҷал,
Ишқро, – ҷоми булӯрини Худоро, нашканед!

*2013*

*  *  *

Субҳест, ки мекашад зи ҷон ғамҳоро,
Сурест, ки мебарад зи хун сафроро,

Пайғоми фуруҳари башарофари ишқ,
Хушбахт кунад ҷамъияти танҳоро.

Тундар ба ҳавои дили мо даф бизанад,
Барқест дар ин нағма, ки сӯзад моро .

Бо ашки кабуди охирин қосиди дай
Шодоб кунад қатра дили дарёро.

Хуршед ба чашми чашма бинад рухи хеш,
Аккос шавад шавқи шарарафзоро.

Наврӯзии мо номаи дарди куҳан аст,
Ҳасрат ҳама фасл дӯст дорад моро.

*2013*

* * *

Фасли меҳри Меҳргон буд,
Меҳр дил буд, меҳр ҷон буд,

Ранги зарди тирамоҳон
Сурху сабзу арғавон буд.

Ишқ меҳроби таҷалло,
Ишқ султони ҷаҳон буд.

Ишқ наврӯзии поиз,
Қалбҳо наврӯзгон буд.

Мо надонистем, ҳайҳот,
Ганҷ, ганҷи шойгон буд.

Дар сабӯи мастии мо
Хуни ангури ҷавон буд.

Кӯзаи бишкастаи мо,
Аз булӯри осмон буд!

*2013*

*   *   *

Оне, ки ризои будаву будани мост,
Беиллату безиллату бемаргу фаност.

Боло зи ҳама орияту кавну макон,
Берун зи ҳама вилояту кишвару ҷост.

Обидаву маъбадаш ниҳоди башар аст,
Бемиллату бемазҳабу бешоҳу гадост.

Зикраш ҳама дар рӯҳи равон, оташи ҷон,
Бикраш ҳама дар гавҳари чашми дили мост..,

Оне, ки чу ойинаи хуршеднамост,
Он ишқи Худо, ишқи Худо, ишқи Худост!

*2011*

*    *    *

Лол шавад забони ишқ,
шиква салом мешавад,
Паст шавад мақоми ишқ,
шиква мақом мешавад.

Шавқ гурезад аз диле,
ашк бичӯшад аз гиле,
Талх шавад шароби ишқ,
захр ба ком мешавад.

Дар табу тоби ошиқон
сӯз бимирад, аламон,
Нағма фирор мекунад,
арбада ром мешавад.

Ҳарза саро, фасона хон,
лек мабош безабон,
Хатм шавад каломи ишқ,
ишқ тамом мешавад!..

*2013*

* * *

Кӣ дида дар ин даҳр озор чун ман,
Барои ҳақи ҳақ сари дор чун ман?

Кӣ захмин раҳида ба сони кабутар,
Зи чанголи хунини кафтор чун ман?

Кӣ аз рӯйи шодӣ набӯсида бе ашк,
Кӣ аз бори ғам гашта афгор чун ман?

Кӣ аз дӯст хӯрда ҳама мушт бар пушт,
Кӣ буда вафоро вафодор чун ман?

Кӣ дар чашми кӯри зи илму адаб дур,
Сафеди сиёҳ аст, зинҳор, чун ман?

Кӣ дар хоб дидаст хуфта, нахуфта,
Фари субҳдамро шаби тор чун ман?

Гули ханҷариро[1] аз он дӯст дорам,
Ки хораш гул асту гулаш хор, чун ман!

*2011*

[1] Кактус

*   *   *

*Зишт аст агар сурати ман худро дар ӯ менигаред,*
*Ҳайҳот, сангам назанед, ойинаам, мешиканам!.*
*Симини Беҳбаҳонӣ*

Ҳақнисори ишқ, ишқи меҳанам,
Зиндадори ишқ, ишқи меҳанам,

Хори чашми тӯдаи макру риё,
Ҳақгусори ишқ, ишқи меҳанам,

Гарчи нахли ифтихорам бебар аст,
Баргу бори ишқ, ишқи меҳанам.

Дар сари ганҷури беганҷи диёр,
Посдори ишқ, ишқи меҳанам.

Ишқ илҳоми худодод аст, ман
Ҳақшиори ишқ, ишқи меҳанам!

Ман Ватандори дурӯғин нестам,
Нангу ори ишқ, ишқи меҳанам.

Ишқи ман, ишқи Ватан, ойина аст,
Нашканед, ойинаамро, бишканам!..

*2013*

*    *    *

*Дар вафоти бародарам Бекназар*
*ва ҳама бародарон*

Чу нур аз чеҳраи хандони ман рафт,
Чу сур аз дидаи гирёни ман рафт,

Дили ӯ махзани ганҷи сухан буд,
Суханомӯзи олишони ман рафт.

Бароям деҳа буду деҳхудо буд,
Зи деҳа деҳи ман, деҳқони ман рафт.

Маро бо хок ӯ пайванд мекард,
Ба хоки тира деҳу хони ман рафт.

Балогардони ман, дарбони ман буд,
Балоҳо мондаву дарбони ман рафт.

Бирафту бурд бо худ оламеро,
Зи олам оламе пинҳони ман рафт.

Чу фарзанди падар ҷону ҷаҳон аст,
Ҷаҳон бо ҷони ӯ, чун ҷони ман рафт…

*2012*

* * *

Шакурӣ марди дил, марди худо буд,
Намои ишқу эҳсону вафо буд.

Қаламро бо алам пайванд мекард,
Зи пургӯёни камҳосил ҷудо буд.

Зи ирфони саодат қиссапардоз,
Дар имони садоқат бебаҳо буд.

Зи «Ҷӯйи Мӯлиён»-и хушк, гӯӣ,
Шакурӣ[1] қатраи оби сафо буд.

Ҳама хунёгари озори торих,
Ҳама зангӯладори ёди мо буд...

Бухоро, навҳа кун, овоз андоз,
Шакурӣ охири садру ниё буд...

Бухоро қудрати зодан надорад,
Шакурӣ охирин Садри Зиё[2] буд!..

*2012*

---

[1] Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ, адабиётшиноси маъруф.
[2] Шоир ва маорифпарвари тоҷик, падари М. Шакурӣ.

*   *   *

*Гар сар ниҳам ба кӯҳу биёбон шигифт нест,*
*Девонаи ғами туву дурии меҳанам!..*

*Жола*

То шеър шиори дардзоди Ватан аст,
Шоир аламафрӯзи муроди Ватан аст.

То ҳаҷр забонофари хуни ишқ аст,
Ҳар вожа фиғони набзи доди Ватан аст.

Кайҳониву ирфониву инсонии мо,
Дар зарраи хоки нурзоди Ватан аст.

Оне, ки сари дори вафо минбари ӯст,
Мансури сурури эътиқоди Ватан аст.

Дар навҳаи турнаҳои гирёни хазон,
Марсияи талхи хайрбоди Ватан аст.

Хокистари сарди Жолаи[1] шоири ишқ,
Дар кӯзаи санг гарми ёди Ватан аст…

*2011*

[1] Дар санги мазори набудаи шоира Жолаи Исфаҳонӣ

* * *

Дар ҳаво бӯйи баҳор аст, баҳори ману ту
Бӯйи дил, бӯйи ҳавас, бӯйи хумори ману ту.

Умр бигзашту набигзашт хумори ману ту,
Зи баҳори ману ту, баъди баҳори ману ту.

Рақси мавзуни парасту таги долони куҳан,
Ҳаваси ҷилванисор аст зи пори ману ту.

Раъдро шӯри дафу соиқаро рақси самоъ,
Ларзаро сур диҳад ҷӯри ситори ману ту.

Дидаҳо домгаҳу ромгаҳи ҷону диланд,
Фасли бехуни шикор аст, шикори ману ту.

Дами зебои ба ҳам омадани нуру булӯр,
Гуҳари қатра бувад ойинадори ману ту.

Фасли сармо бигузашт,сардии дилҳо бигузашт,
Дар ҳаво бӯйи баҳор аст, баҳори ману ту!..

*2009*

*   *   *

Фасли сарди берангист, ранги орзуям бош,
Шарми боғ бебаргист, зиннати нумӯям бош.

Ҳамчу санг хомӯшам рӯбарӯйи пургӯён,
Дар хамӯшии сангин гуфти гуфтугӯям бош.

Метапад раги ангур аз хумор то мастӣ,
Базми ҳаҷр дар пеш аст, бода дар сабӯям бош.

Бо таронаи нобуд, бо хумори дардолуд,
Сӯз дар таби ғусса, соз дар гулӯям бош.

Эй расида аз фардо, дер то мани дина,
Ҳузни обрӯ дорам, ҳусни орзуям бош!

*2011*

* * *

Дар ин боғе, ки аз ҷаннат асар дорад,
Ҳавояш накҳати нози саҳар борад,

Дили шабнам бувад ойинаи покӣ,
Наво дилбозии ашки шарар дорад,

Маро ҳар шаҳпарак арғушт омӯзад,
Маро ҳар ёс хеши хеш пиндорад.

Кашад сарви сиҳӣ аз домани ёдам,
Зи хокам як сари ангушт бардорад.

Ба ранги роз ҳар гулғунчаи дилбоз
Зи гулрухсории ман ёд меорад.

Дар ин боғе, ки аз ҷаннат асар дорад,
Чаман гулдӯзии духти назар дорад,

Ба монанди арӯсакҳои деҳотӣ
Гули шафтолу аз ман шарм медорад…

*2009*

*  *  *

Аз ҷон серам зи ғусса хурдан бе ту,
Ҷон дар лаби ҷон ҷон насупурдан бе ту.

Чун гулдараҳо ба рӯйи худ хандидан,
Чун шаршараҳо шиква фушурдан бе ту.

Гургона, чу бод, нола кардан танҳо,
Дар оҳи нафас нафас шумурдан бе ту.

Бо ҳар дами дам тапидану таркидан,
Дар чашми ҳама зи ғам фусурдан бе ту.

Дар сабқати орифонаи раҳпоӣ
Ҷоизаи сад ҷазо набурдан бе ту.

Дар пеши туву пеши худу пеши Худо,
Шармандаам аз шарми намурдан бе ту!

*2009*

*    *    *

Ҳар гаҳе аз барф озар ёфтӣ, ёдам бикун,
Ахгаре аз қалби мармар ёфтӣ, ёдам бикун.

Дар азои боғ чун доғи хазони сӯхта
Лолае дар байни дафтар ёфтӣ, ёдам бикун.

Дар сиришти сабзхушкон хуни оташ мурдааст,
Аз нигоҳе умри дигар ёфтӣ, ёдам бикун.

Аз сарафшонии ман ҷуз ту касе огаҳ набуд,
Зери пойи бесаре сар ёфтӣ, ёдам бикун.

Мову ту гумгаштаи оғозу анҷоми худем,
Мисрае аз Рӯдакӣ гар ёфтӣ, ёдам бикун.

Ҳар гаҳе дар чеҳраи пажмурдаи афсурдае
Як гули рухсори дигар ёфтӣ, ёдам бикун!

*2009*

*   *   *

Фасли гули себ розҳо нозанд,
Чашми дилу боли чашмҳо бозанд,

Падруду дуруд, гиряву ханда,
Аз пардаи арғануни як созанд.

Дар маҷлиси боғ андалебу зоғ
Бо лаҳҷаи булаҷаб ҳамовозанд.

Ду душмани ҷонӣ, – гӯсфанду гург,
Як умр, ту гӯӣ, хешу анбозанд.

Ишқи наву куҳна хурраму маҳзун,
Дар дидаи ёд ҷилвапардозанд.

Фасли гули себ ошиқони пир
Дар кӯйи хумор анҷумансозанд.

Фасли гули себ зиндагиву марг,
Бе себи[1] фиреб ишқ мебозанд…

*2009*

---

[1] Мувофиқи устураи масеҳиён хӯрдани себ сабаби аз ҷаннат ронда шудани Одаму Ҳавво гаштааст. Дар ривояти мусалмонон гандум аст.

* * *

*Тақдим ба Симини Беҳбаҳонӣ,*
*шоири фасли бехазонӣ.*

Адлро довар туӣ, ту, фазлро ёвар туӣ, ту.
Равшаново, равшаноро, равшаноифар туӣ, ту.

Сози базми ошиқона, сӯзи хокистар туӣ, ту.
Ҳамзабони чашмасорон,ҳамзамони фар туӣ, ту.

Ҷавҳари ҳарфу маъонӣ, аз ту симинтар туӣ, ту.
Чашми ҳузнатро бибӯсам, аз ту шоиртар туӣ, ту.

Дар сафи мардони паймон, гурди мушти пар туӣ, ту.
Рамзи Помиру Дамованд, пайки бахтовар туӣ, ту.

«Шоҳи тирандоз»[1] шоҳид,Ораши бовар туӣ, ту.
Дар канори садҳазорон, аз ту танҳотар туӣ, ту.

Аз Халиҷи Форс то ман, ориёифар туӣ, ту,
Зевари Эрону Турон, Ганҷи Бодовар[2] туӣ, ту!..

*2007*

---

[1] Кӯҳи азиме бо ҳамин унвон дар Помир.
[2] Ганҷи бодовард ё бодовар, оҳанге аз сегонаи Борбад, номи Ганҷи дуввум аз ҳашт ганҷи Хусрави Парвиз.

*   *   *

*Таманнои наврӯзӣ барои ошиқону орифон*

Ба фасли худ зи асли худ нумӯ кун,
Ба гул бо лаҳни булбул гуфтугӯ кун,

Фикан бишкастаро то нашканӣ зуд,
Зи худ нашкастахудро орзу кун.

Ба як дил метавон бас дил рабудан,
Зи як дил сад муҳаббат ҷустуҷӯ кун.

Замони «гум шудан дар гумшудан»-ҳост,[1]
Зи ҳар гумгашта худро ҷустуҷӯ кун.

Ба ашки ток зулфатро бидеҳ об,
Рухатро бо шабинам[2] шустушӯ кун.

Макун бад, аз бадӣ ҷуз бад нарӯяд,
Накӯ бину накӯ хоҳу накӯ кун!

Ба ҷойи хонаи худ, эй фараҳбуд,
Сараввал қалби худро дударӯ кун![3]

*2007*

---

[1] «Гумшудан дар гум шудан дини ман аст…» *Мавлоно*
[2] Шабнам
[3] Хонатаконӣ яке аз шартҳои муҳими истиқболи наврӯз аст. Дар арафаи ид мардуми ориёӣ чизҳои кӯҳнаву асбобҳои шикастаро мепартоянд, хонаҳоро дударӯб намуда, сафед мекунанд.

*   *   *

*Барои набераам Ширин*

Дар номи ту як завола қанд аст,
Ҳамноми ту ҳар навола қанд аст,

Дар рӯйи ту боғи гул шукуфта,
Боғе, ки пари параш паранд аст.

Хуршеди дамида аз нигоҳат,
Монанди патунӣ гулписанд аст.

Аз номи ту найшакар шакархоҳ,
Дар хандаи ту гули сипанд аст,

Ширинаки нози нозанинам,
Дар номи ту як завола қанд аст!..

*2008*

*   *   *

Ба касе нест дигар ишқи ҳавову ҳавасам,
Ба хасе нест раво шеваи афсурдакасам.

Дар диле даф назанад хандаи гулрухсорӣ,
Дар лабе гул накунад бӯсаи сабзи нафасам.

Ёд аз он давр, ки фарёди хамӯшон будам,
Оҳ дар оҳ бувад зузаи фарёдрасам.

Равнақи беҳунарон марги ҳунармандон аст,
Гӯши ҳуше накашад бонги ғурури ҷарасам.

Дар дили беҳавасу танги қафас хоҳам мурд,
Бехабар з-он ки ҳама умр Ҳумои қафасам.

*2007*

*   *   *

*« Ман ҳамагӣ туростам!..»*
*Мавлоно*

Шоири дини ҷалол, шоири мазҳаби ишқ,
Зоҳири саҳли муҳол, соҳири мактаби ишқ.

Садафи баҳри сафо, ҷараси дашти лиқо,
Ҳаваси беқафасӣ, нафаси дар лаби ишқ.

Найи маҳзунҳайи ту ҷигари ҳаҷр шикофт,
Нашикастӣ, ки шикаст, қоб дар қолаби ишқ.

Ба ту аз Шамс расид назари умри абад,
Зи ту оташкада шуд Табарези таби ишқ.

Шоири миллати дил, шамс дар зулмати дил,
Офтоби шаби шавқ, озарахши таби ишқ.

Бе ту хованд надошт рӯҳ дар кишвари ҷон,
Нуқтаи охири оҳ, нуктаи матлаби ишқ.

Шоири уммати нур, нор дар назҳати нур,
Шоири Дини Ҷалол,[1] шоири мазҳаби ишқ!..

*2007*

[1] Ҷалолиддини Румӣ.

*   *   *

Фасли баҳор шуд, эй дури мо, биё,
Дар хандаи шафақ, эй нури мо, биё.

Кӯҳи ях об шуд, дарё пуроб шуд,
Бо чашмаҳо биҷӯш, дар зарраҳо биё.

Фасли тапидан аст, васли дамидан аст,
Бо сабки шаршара шириннаво, биё.

Бо ғуссаҳо ситез, бо бӯсаҳо бирез,
Дар уди дидаҳо рӯди зиё биё.

Рухсораи гулам, илҳоми булбулам,
Як боғ ғулғулам, най дар наво биё.

Барфи шукуфтаам, ҳарфи нуҳуфтаам,
Шеъри нагуфтаам, шери Худо, биё!

Бе ту баҳор нест, ишқу хумор нест,
Ишқу баҳори ман, бо турнаҳо биё.

Дар дафтари саҳар розест мухтасар:
Дигар марав, марав, дигар биё, биё!

*2006*

*     *     *

Хуршед ба бом омад, ишқ аст, ки меояд,
Субҳ аст, ки шом омад, ишқ аст, ки меояд,

Дунёи куҳан нав шуд, зулмат ҳама партав шуд,
Он олимақом омад, ишқ аст, ки меояд.

Васл омаду ҳиҷрон рафт, мушкил буду осон рафт,
Ғамбода ҳаром омад, ишқ аст, ки меояд.

Аспи сара ёғӣ шуд, оҳубарра роғӣ шуд,
Сайёд ба дом омад, ишқ аст, ки меояд.

Аз оташи худсӯзӣ, аз сӯзи худафрӯзӣ,
Хунам ба қиём омад, ишқ аст, ки меояд.

Ҳар гулдара соҳир шуд, ҳар шаршара шоир шуд,
Илҳоми калом омад, ишқ аст, ки меояд.

Бо бодаву сарвода, бепардаву бебарда,
Ҷам ворısи Ҷом омад, ишқ аст, ки меояд.

Он кист, ки меояд, то ки наравад дигар?
Аз арш паём омад: – ишқ аст, ки меояд!

*2006*

*  *  *

Аз валвалаи мастон, аз ишқ мадад хоҳам,
Аз васвасаи шайтон, аз ишқ мадад хоҳам,

Бо шишагии ҷонам, зери пари имонам,
Аз шасти забардастон, аз ишқ мадад хоҳам.

Аз шухии бешангам, аз ҷангали ожангам,
Дар ойинаи чашмон, аз ишқ мадад хоҳам.

Бе тӯшаи танҳоӣ, дар гӯшаи танҳоӣ,
Аз ғамкадаи ҳиҷрон, аз ишқ мадад хоҳам.

Бо ганҷи худодода, дилдодаву озода,
Аз зиндагии зиндон, аз ишқ мадад хоҳам.

Аз пастии сармастӣ, аз нестии ҳастӣ,
Аз фалсафаи яздон, аз ишқ мадад хоҳам.

Дар банди ҳисори худ, ҳованди диёри худ,
Аз деву дади инсон, аз ишқ мадад хоҳам.

Бо сӯзаму бо созам, бо дини ватансозам,
Аз кини ватанбозон, аз ишқ мадад хоҳам.

*2006*

* * *

*«Нӯшдоруиву баъд аз марги Сӯҳроб омадӣ!..»*
*Шаҳриёр*

Омадам,аз васли ҳиҷрон, омадам,
Хандагирён, гиряхандон омадам.

Баъд аз ин дигар магӯ: – ҳоло чаро?
Бӯйи гул дар ғунча пинҳон омадам.

Хушксолиҳои васламро мапурс,
Бо сиришки сабзи борон омадам.

Омадам, ту нестӣ, дардо, дареғ,
Бо фари дил, бо пари ҷон омадам.

Атри «Ҷӯйи Мулиён» овардаам,
Аз диёри Оли Сомон омадам.

Ташнаи Зояндарӯди шоират,
Бо Варорӯду Зарафшон омадам.

Духти Эронвиҷи меҳру сеҳру шеър,
Бо паёми Тоҷикистон омадам.

Орашистон дар Бадахшони ман аст,
Аз Бадахшон Орашистон омадам.

Ҳашт шаҳри ишқро[1] паймудаам,
То ба шаҳри шаҳриёрон омадам!..

*2006*

[1] Ҳафт шаҳри ишқро Аттор гашт,
Мо ҳанӯз андар хами як кӯчаем… *(Мавлоно)*

*  *  *

Дар лаби хӯса достонам ман,
Дар таби ғусса бенишонам ман,

Дар азои ҳақиқати ботил
Ҳақфиғони ҳақи ҳақонам ман.

Набзи ман зери панҷаи оташ,
Дар дами лаҳза ҷовидонам ман.

Дар табам метапад гили сад дил,
Зинати миннати ғамонам ман.

Як варақ меҳрномаи гӯё,
Сад варақ шарҳи лобаёнам ман.

Дар китоби муҳаббати меҳан,
Сад алам, сад қалам фиғонам ман!

*2006*

* * *

Ҳамехоҳам, ки зебо бошаму барно барои ту,
Ҳамехоҳам, ки ҷоду бошаму якто барои ту.

Дар ин фасле,ки боғи орзу ранги хазон дорад,
Ҳамехоҳам гуле бошам, гули раъно, барои ту.

Ҳамехоҳам, ки танҳо бошиву танҳо барои ман,
«Барои ту ба дунё омадам, танҳо барои ту!..»

Азизи ман, азизи оламе ҳастиву аз ман не,
Мабодо заҳри танҳоии ман, ҷоно, барои ту!

Ҳамехоҳам, ки бошӣ, то ки бошам ҷовидон бемарг,
Дар ин дунё, в-агар хоҳӣ, дар он дунё, барои ту!

*2006*

*    *    *

Дорам сари танҳоӣ бар шонаи шаб имшаб,
Бо деви алам ҷуфтам дар хонаи шаб имшаб.

Бо чашму дили холӣ, бо нолаи беҳолӣ,
Нокишта самар хоҳам аз донаи шаб имшаб.

Дар гирди чароғи ман, ҳамсӯзи фароғи ман
Рақсида ҳамемирад парвонаи шаб имшаб.

Дар маҳфили бехобӣ, бо шеваи бетобӣ
Девони маро хонад девонаи шаб имшаб.

Хоби ту пур аз боғ аст дар бистари шаббода,
Ҷуғзест ба хуни ман нолонаи шаб имшаб.

*2006*

*   *   *

Ҳанӯз, эй талхи ширин, дӯстат дорам,
Ҳанӯз, эй шоди ғамгин, дӯстат дорам.

Ҳанӯз, эй рашк дар дил, ашк дар дида,
Ба ёди фасли гулчин дӯстат дорам.

Зи беёдии ёди яккафарёде
Ҳанӯз, эй меҳр дар кин, дӯстат дорам.

Ҳанӯз, эй гулфишони бенишони ман,
Паси девори барфин, дӯстат дорам.

Миёни ишқи мо як зиндагӣ роҳ аст,
Ҳанӯз, эй ҷони ширин, дӯстат дорам.

Зи худ бигсаставу бо ту напайваста,
Ҳанӯз, эй бахти хоин, дӯстат дорам.

Ба рашки ман, ба ашки ман намеарзӣ,
Намеарзӣ, валекин дӯстат дорам!

*2006*

*   *   *

Ғуруб асту тулӯъи боварам деҳ,
Зи пайки нор нури ховарам деҳ.

Хумори чашми нобӯсида дорам,
Зи кайфи як нигоҳе кайфарам деҳ,

Дили ман кӯзаи зардоби ишқ аст,
Зи ашки васлу ҳиҷрон соғарам деҳ,

Зи дунё ишқ мехоҳам, дигар ҳич,
Зи ҳиче ҳосили баҳру барам деҳ.

Зи фардое, ки бо имрӯз қаҳрист,
Чароғи сабзи умедофарам деҳ…

*2006*

*      *      *

Дар марги ишқ пеши худ мулзам гиристам,
Чун хок нам кашидаву намнам гиристам.

Бо ранги канда бенаво, пурдард, бедаво,
Ҷойи Ҳаво зи фурқати Одам, гиристам.

Дар ҳанҷара маломати дерини ишқ, ишқ,
Сели сиришк бар сари олам гиристам.

Базми сурури тӯдае гардуншикоф буд,
Бар дӯши мурдаи риё мотам гиристам.

Дар чашми шаб ситорае гар буд, ашк буд,
Дар пойи шом то саҳар шабнам гиристам…

*2006*

*   *   *

Ишқи рафтаро дидам аз гузашта меомад,
Аз гузашта меомад, паршикаста меомад,

Пойи орзу дар гил, номурод, беҳосил,
Бо фиғони захми боз, дастбаста меомад.

Дар лабаш ғами гирён, дар табаш нами ҳиҷрон,
Дар кафаш дили беҷон, фаршикаста меомад.

Фар набуд дар шасташ, дил набуд вобасташ,
Сар набуд сармасташ, саршикаста меомад.

Ишқи рафтаро дидам аз гузашта меомад,
Дилшикаста меомад, гилнишаста меомад,

Аз диёри ҳеҷистон, то мазори ёдистон,
Бо мадори танҳоӣ, пиру хаста меомад…

*2006*

*  *  *

Саноят мекунам, эй ишқ, эй неруи созанда,
Садоят мекунам, имрӯз, эй дирӯзи оянда.

Суроғат мекунам, аз нуру зулмат, иззату нафрат,
Зи ранги шодии маҳзун, зи занги гиряи ханда.

Ало, фарҳанги Зандофар, ало озоди бандофар,
Туро хоҳам шудан бандӣ, туро хоҳам шудан банда.

Ҷамоли ҳастии ман бош, ҳоли мастии ман бош,
Дар ин оғози беанҷом, ин бунёди поянда.

Дар ин фасле, ки хуни сабзи ҷангал заъфарониаст,
Башорат деҳ аз наврӯзи фардои наоянда!..

*2006*

*   *   *

Эй зи ҳама набудаҳо будаи бебаҳои ман,
Эй зи ҳама нарафтаҳо рафтаи бебақои ман,

Ишқи ту буд баҳри ман он чӣ надошт ҳич кас,
Ишқи ту шуд сазойи ман, ҷоизаи ҷазои ман.

Нағма будам, захма будам, навҳа будам барои ту,
Нур будӣ, сур будӣ, сура будӣ барои ман.

Сурх нараст сӯйи ман соиқаи нигоҳи ту,
Раъд наҷаст оташин аз садафи садои ман.

Сумб нақӯфт зери зин Рахши дилам барои ту,
Шӯъла насухт бешарар аз нафаси ҳавои ман.

Аз ҳама буда ҳеч монд,ларзаи ҳарзапеч монд,
Сабки ғурури будан аст гиряи хандаҳои ман.

Ёди маро намоз кун, умри маро дароз кун,
Мурдани ишқ саҳл нест, сода мадон азои ман.

Дидани ту барои ман дидани Шамс[1] буд, буд,
Дида набинамат дигар «Шамси ману худои ман!»[2]

*2005*

---

[1] Шамси Табрезӣ, офтоб.
[2] Аз Мавлоно

*　*　*

Дар шаҳр касе нест, ки бо дида бибӯсам,
Бо чашми ҳавас дидаву нодида бибӯсам.

Аз пойи нигоҳе бикашам хори гуноҳе,
Аз гулшани рӯйе гули ночида бибӯсам.

Бо сеҳри сухан боз кунам дафтари ёде,
Аз накҳати нозе таби нозида бибӯсам.

Дар озари озарм шар асту шараре нест,
Шармандафаре нест ки рахшида бибӯсам.

Бо атри нафас об занам гулшану гулгашт,
Дилбозии ҳар шаршараро дида бибӯсам.

Дар сурати ин мардуми дилмурдаву хунсард,
Шавқу шараре нест, ки завқида бибӯсам.

Дар дидаи ин уммати чун шаршара гирён,
Шамси дигаре нест, ки хандида бибӯсам.

Раҳ месипарам аз дилу аз дидаи як шаҳр,
Як рагузаре нест, ки болида бибӯсам.

Имрӯз зи ҳар рӯз пур аз розаму дилбоз,
Соҳибназаре нест, ки шармида бибӯсам.

Ҷамъи туву танҳоиву ғамзоии худро
Зинҳор набахшидаву бахшида бибӯсам;

Дар шаҳри нигаҳҳои пур аз барфу пур аз дуд,
Сӯзи нафаси доғи киро чида бибӯсам?!

*2005*

* * *

Ту кучоӣ, ки ҷаҳон дар назарам торик аст?
Шӯълаи тораму умеди фарам торик аст.

Қосиди нураму аз тирагӣ афтода ба чоҳ,
Назари довари имдодгарам торик аст.

Зи пайи соя бари дидани худ менаравам,
Гуҳари дидаи хуршедфарам торик аст.

Ишқ мегӯяму аз ашк садо мешунавам,
Шамси иқбол ба болои сарам торик аст…

Таги ин чарх, ки оташкадаи пурдуд аст,
Машъалафрӯзаму сӯзи шарарам торик аст.

*2005*

* * *

Шаббода таҳорат кард бо шабнами нози гул,
То пок фуруд ояд дар пойи намози гул.

Гул кӯдаки афлок аст чун шаҳпараку ору,
Худсӯзу худафрӯз аст парвонанавози гул.

Бо хандаи тифлона, бо ҷилваи ҷонона,
Афсонаи бемаргист фасли гули рози гул.

Шед аст, ки менозад бо муғҷаву гулғунча,
Бод аст, ки мебозад бо зулфи дарози гул.

Бо шаршара гирён аст, бо соиқа хандон аст,
Кӯҳи яху барфи пир чун шуъбадабози гул.

Дар нағмаи боронӣ созест накисоӣ,
Аз Борбади ишқ аст сарводаву сози гул…

*2005*

* * *

Васли ғуссазо дорам,
Ҳаҷри ғамфазо дорам,

Сози дар гулӯ монда,
Нози хандазо дорам.

Зомини заволи ишқ,
Минати қазо дорам.

Аз ҳама дили холӣ,
Бо ҳама ғазо дорам.

Фасли ҷоиза бигзашт,
Як чаман ҷазо дорам.

Ошиқони ман мурданд,
Як ватан азо дорам…

*2005*

* * *

Бо баҳори нав баҳори ман наомад,
Дар бағал як боғ ёри ман наомад.

Бо парасту, бо қиёми сабзи илҳом,
Қосиди рафъи хумори ман наомад.

Гиряборони зимистон бенишон рафт,
Як ҷавона хандабори ман наомад.

Дилпарасте дил набурду дил набахшид,
Дилфиребе дӯстдори ман наомад.

Авҷи лолии нафирам, то намирам
Шоири хуррамшиори ман наомад.

Бо чароғи дидаву дил, чун муҳосил,
Дар бағал як боғ ёри ман наомад.

*2005*

*   *   *

Аз Бохтару Суғдам,
аз Вустаму аз Зандам,
Тӯфони Варорӯдам,
вулқони Дамовандам.

Ман ҳаҷраму ман васлам,
ман нусха наям, аслам,
Фарҳанги шарар дорад,
хуни рагу пайвандам.

Як зарра зи хуршедам,
як ғунча зи уммедам,
Як навда зи Даҳбедам,
як ҳалқа зи Дарбандам.

Аз нураму аз норам,
аз гулхани гулхорам,
Аз Хоҷаи Аҳрорам,
аз Яхчи Самарқандам.

*2003*

*   *   *

Микрози поям хӯрда шуд аз раҳбуридан сӯйи ту,
Хоҳам худоро диданӣ дар сурати некӯйи ту.

Аз барфи сарди дидаам сад боғро пажмурдаам,
То як қалам сабзидаам аз решаи худрӯйи ту.

Тифле, ки аз пайванди мо, н-омад ба дунёи фано,
Дорад суоли «ку мане» аз абрии абрӯйи ту.

Якрӯзаву садсолаам, доғи чароғи лолаам,
Авҷи суруди нолаам, захми туву доруйи ту.

Чашми ту чашмам мебарад, то боз гардад чашми дил,
То ошиқона бингарам дилбозии дилҷӯйи ту.

Эй соҳири оташназар, аз дудаи чашмат ҳазар,
Ҳастиву ҳастам як шарар ҷодугару ҷодуйи ту.

Аз чор сӯйи зиндагӣ бар сӯйи ту дорам шитоб,
Оғозу анҷоми ману роҳи муроди кӯйи ту.

Дар олами садрӯйҳо якрӯяам чун офтоб,
Эй офтоби ишқи ман, ку офтоби рӯйи ту?!

*2003*

*  *  *

Дар худ фурӯ рафтам, биё, аз чоҳ берунам бикун,
Як бӯсаи барфу шарар бар оташи хунам бикун.

Заҳри хиёнат хӯрдаам, аз зиндаҳои мурдаам,
Ҷон меканам, ҷон медиҳам, афсонаафсунам бикун.

Аз ҳаҷр сармобурдаам, аз васл гармохӯрдаам,
Дил додаву кам гаштаам, дил дода афзунам бикун.

Баъди зимистони дароз дорам ба нористон ниёз,
Бо зулфи сабзи сабзаҳо пайғоми шогунам бикун.

Дар дидаи коҷи аду то каҷ мабинам хешро,
Бо ростии ростон як умр мафтунам бикун.

Танҳотар аз танҳоиям, эй ёри танҳо бо ҳама,
Баҳри худу баҳри худо, з-ин варта берунам бикун!

*2003*

*   *   *

Парвози фар надорад боли шикастаи ман,
Нози самар надорад, нахли нарастаи ман,

Дорад забони ҳолам сози фиғони лолам,
Оҳи ҳазор оҳ аст оҳанги растаи ман.

Заҳрам гулоб хоҳад аз ҷоми умри фонӣ,
Лолоихони дард аст овои хастаи ман.

Васли гул асту булбул аз ҳаҷр кардаам гул,
Гулдастаи фироқ аст гулхорбастаи ман!

Байни мани ману ман размест ҷовидона,
Девори сулҳу ҷанг аст девори бастаи ман.

Чун лола сурхрӯям доғи сиёҳ дар дил,
Този зафар надорад тори гусастаи ман…

*2003*

*  *  *

Зи чашми чашма сел омад, чароғи лола хомӯш аст,
Замин бори гарони гандуми нокишта бар дӯш аст,

Баҳор омад, кай омад, бо кӣ омад, бо чӣ ранг омад,
Ки нойи хуни ман дар шаҳраги фарёд хомӯш аст?

Ки шири шавқ дар пистони рӯдистон намеҷӯшад,
Ки доғи лолаи Варзобро оҳанги «бифрӯш!» аст?!

Ки атри хок аз шӯри сурури ток хушбӯ нест,
Ки тӯри кина гӯри фитнаро рӯшод сарпӯш аст?!

Ки набзи растахези рӯҳу ҷон тафсир мехоҳад,
Ки дунё бехабар аз покии ишқи Сиёвуш[1] аст?!

Садои гул намеояд зи бонги шодии булбул,
Чаман дар марги ишқи ман азодору сияҳпӯш аст?!

*2003*

[1] Қаҳрамони бегуноҳи бӯҳтонзада, дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ.

*  *  *

Гулбонги суруши чашма овои ман аст,
Ҳақ дар ҳақи ёри ҳақ таманнои ман аст.

Ҳар кӯри асои хешро гумкарда,
Бо панҷаи бечорагӣ ҷӯёи ман аст.

Рӯйи хушу рӯзи хушу ҳам рӯзии хуш,
Бар аҳли башар хоҳиши рӯъёи ман аст.

То равғани шаҳчароғи ғамҳои худам,
Дуди аламам зи уди авзои ман аст.

Меҳри ману сеҳри ману муҳри нафасам,
Дар чеҳраи зиндагӣ таҷаллои ман аст.

З-он бо ҳама шаҳпару фарам беболам,
Банди ҳама банда гӯӣ дар пойи ман аст.

Чашмони ҳазину абрувони мағрур
Дар сурати ман сирати гӯёи ман аст.

*2003*

*  *  *

Раҳбараҳ чун нури маҳ пайдову гумат кардаам,
Ҳамчу кӯҳу ҳамчу каҳ пайдову гумат кардаам.

Ранги берангии умрам арзабози ҳарза аст,
Дар сафедии сияҳ пайдову гумат кардаам.

Гиряамро хандаеву хандаамро гиряест,
Дар ғамистони фараҳ пайдову гумат кардаам.

Дар вафоти бахти як дам бар азо биншастаам,
Дар шукӯҳи як шабаҳ пайдову гумат кардаам.

Дар шитоби як нафас ҳамчун ҳубобе зиста,
Дар савоби як гунаҳ пайдову гумат кардаам.

Чун гуҳар дар мардуми чашмат нагунҷидам, дареғ,
Дар нигоҳи як нигаҳ пайдову гумат кардаам…

*2002*

*   *   *

Танҳойи туро дилам намебардорад,
Раҳпойи туро дилам намебардорад,

Ин ҷо ману он ҷо туву дигар ҳама ҳеч,
Он ҷойи туро дилам намебардорад.

Дар олами пур аз туву холӣ аз ман
Дунёи туро дилам намебардорад.

Дарёи сиришки ғам надорад соҳил,
Маҷрои туро дилам намебардорад.

Овози ту дар гӯши хаёлам боқист,
Овои туро дилам намебардорад.

Як боғ зи доғи рафтанат пажмурда,
Гулҳои туро дилам намебардорад.

Рафтиву дилам чу манзилам холӣ шуд,
Саҳрои туро дилам намебардорад.

Рафтиву ғами нарафтаат монд, ки монд,
Ғамҳои туро дилам намебардорад!

*2002*

* * *

Шуурам ҳарза мебофад, шиори бенаворо бин,
Ғурурам хок мебӯсад, замини ман, фазоро бин,

Ҷунуни рақси гул хунёгари марги хазонрез аст,
Ғубори гул ба гӯри ҳеч мебoрад, сазоро бин.

Зи дороии худхоҳӣ, зи нодории худкоҳӣ,
Худойӣ медиҳам ҷонро, Худойи ман, сахоро бин!

Ба ҷуз байти фиғони ишқ андар дафтари ҳастӣ
Дигар ҳарфе нахоҳад монд, фазли кибриёро бин.

Гилам гул мекашад бар дидаи ақлам, намедонам,
Чаро ман дӯстат дорам, вафои бебақоро бин.

Баҳорон бар диёри интизорон бар нахоҳад гашт,
Хазонсӯзист ирфони қазо, фазли фаноро бин.

Камоли ишқро андар ҷамоли ёр бояд ҷуст,
Муҳаббат охирин дин аст, ойини сафоро бин.

Тане бо оламе танҳо ҳазори фард бинмояд,
Дар ин зебоии ваҳшӣ зуҳури як Худоро бин!

*2001*

*   *   *

Хотира хор мекашад аз чамани ишқ,
Сарду фусурдаахтар аст анҷумани ишқ.

Хуни чакомаи алам сурхсиёҳ аст,
Набзи қалам наметапад бе сухани ишқ.

Оқили худфиребаму қотили умед,
Боҳунари беҳунари фанну фани ишқ.

Юсуфи исмати маро гурги риё хӯрд,
Бӯйи фироқ медиҳад пираҳани ишқ.

Хотира хор мекашад аз чамани ишқ,
Лолаи қор медамад дар дамани ишқ.

Нойи фироқ мекашад шаҳраги ҷонам,
Войи мани дар Ватани бе Ватани ишқ!

*2001*

*   *   *

Бо ёди ту хоҳам зист, эй ёри фиребоӣ,
Бо ёди ту хоҳам мурд дар гӯшаи танҳоӣ.

Чун машъалаву дуда, кам гаштаву афзуда,
Аз ҳастии ту ҳастам, эй шеваи шайдоӣ.

Аз хеш ниҳон гаштам, то дар ту аён гардам,
Бо ҳиммати худкоҳӣ, бо миннати раҳпоӣ.

Рухсораи беоранг оҳанги хазон дорад,
Баҳри ту гуле дорам ҳамранги таманноӣ.

Аз доғи фироқи ту як боғ алам дорам,
Дар фасли хазони умр мафтуни гулафзоӣ.

Имсол баҳор омад бо рақси парастуҳо,
То ғамкадаи ҳиҷрон, меоӣ, намеоӣ?!

*2001*

* * *

Пур аз ту бувад дунё, пур аз фару зебоӣ,
Як шаҳр бувад шайдо бар зодаи рустоӣ.

Гулдонаву гулосор, гулгунаву гулрухсор,
Хоҳам гули дидорат, дар фасли гулафзоӣ.

Дар маҳфили ту хандон садбарг ба рағми марг,
Дар манзили ман гиряд бо ёди ту танҳоӣ.

Ҳарчанд дили худро умре ба забон орам,
Ишқи ту ниҳон дорам аз мардуми савдоӣ.

Эй бо ҳамагон танҳо, эй аз ҳамагон якто,
Аз баҳри мани шайдо садсола таманноӣ!

*2001*

*   *   *

Шеваи барбарӣ гузашт, шаҳнаи шаҳ ғулом шуд,
Насли хамӯшро бигӯ,  фасли гули калом шуд.

Барбати хурамӣ бизан Борбади ҳазини ман,
Оташи чашми ошиқон соиқаи салом шуд.

Ғунча шукуфт, ғӯра шуд, ояи меҳр сура шуд,
Шасти силаҳ тамом шуд, шаҳди фараҳ ба ком шуд.

Ҳури алам баҳор кард, деви ситам фирор кард,
Нони ҳалоли оштӣ баҳри аду ҳаром шуд.

Дидаи кинаву риё кӯр шуд аз фари зиё,
Модари Миллат оқибат Модари эҳтиром шуд…

*2001*

* * *

Дар дилам ашку оҳ зиндонист,
Ҳасратам дар нигоҳ зиндонист.

Ишқи ман бегуноҳ мемирад,
Дар савобам гуноҳ зиндонист.

Субҳ фарзанди қотили шом аст,
Шом пеши сабоҳ зиндонист.

Ҳар куҷо бингарам асире ҳаст,
Беасорат сипоҳ зиндонист.

Ҷанг бо солеҳон намесозад,
Сулҳ андар силоҳ зиндонист.

Бе пиёда чӣ мекунад фарзин?
Бе гадо подшоҳ зиндонист!

Дар гуноҳам савоб озод аст,
Дар савобам гуноҳ зиндонист...

*2001*

*   *   *

Бе ту асару самар надорам,
Илҳоми таронафар надорам,

Дар боли Фуруҳари нигоҳам,
Гетӣ ҳама зери пар надорам.

Бе ту на фар асту на фасона,
Бе ту зи башар хабар надорам,

Як умр ту бо маниву бе ман,
З-ин ғуссаи доғтар надорам.

Ҳар лаҳзаи умри ман пур аз туст,
З-ин сарвати бештар надорам.

*2001*

*   *   *

Сари ман ниёз дорад
ба фарози шонаи ту,
Ҳавасам ситора чинад
зи фазои хонаи ту.

Зи ту ҷони ҷони ман пур,
ҳама достони ман пур,
Чу дуост бар лаби ман
тараби таронаи ту.

Ту ки баъди ман расидӣ,
ҳама саъди ман расидӣ,
Туву гулфишони шодӣ,
ману шодиёнаи ту.

Ту баҳор дар баҳорӣ,
ту хумор дар хуморӣ,
Чӣ ҳақиқатест зебо
фараҳи фасонаи ту...

*2000*

*   *   *

Фасли гул гулнисор механдад,
Лола дар нолазор механдад.

Боғи гул зиндадори хушрангӣ,
Доғи гул дар канор механдад,

Аз нигоҳи паноҳи гулғунча,
Духтари навбаҳор механдад.

Нур дар чашми қатра мерақсад,
Нор дар чашми ёр механдад.

Метапад сабз набзи сурхи шавқ,
Хуни ҷон лаълвор механдад,

Бо ҳама ҳузну шодии ҳастӣ,
Як зани дилфигор механдад,

Ашкро пардадор механдад,
Ишқро интизор механдад...

*2000*

*   *   *

Таронасон наомадӣ, баҳори дил гузашту рафт,
Шарорасон наомадӣ, шарори дил гузашту рафт.

Зуҳури фазли ишқро ғурур бешуур кушт,
Намуда дар набудаи шиори дил гузашту рафт.

Нигоҳи шуъла сард шуд, сурури ханда дард шуд,
Тарона оҳи сард шуд, ҳазори дил гузашту рафт.

Ғубори гул ба гил нишаст, ғубори гил ба гӯри ҳеч,
Зи нола лоли садзабон, ҳазори дил гузашту рафт.

Фиғони нағмаро забон, аёни ҳарзаро ниҳон,
Ниҳони дардро баён табори дил гузашту рафт.

Ба роҳи омад-омадат, зи омади наомадат
Низор интизор монд, хумори дил гузашту рафт.

Дамид ахгари нафас, парид ахтари ҳавас,
Чу як нафас, чу як ҳавас баҳори дил гузашту рафт...

*2000*

* * *

Аз чашма биомӯзед оҳанги тапиданҳо,
Аз қатра биандӯзед фарҳанги дамиданҳо.

Фарёди ниҳоне ҳаст, шодии фиғоне ҳаст
Дар шӯри фишурданҳо, дар ҷӯри вазиданҳо.

Дар дидаи нобино хуршед чу ангишт аст,
Оранги риё дорад алвони надиданҳо.

Парвона набишносад абрешими хомӯшӣ
Бар дори фаромӯшӣ аз тори таниданҳо…

Ҳар зарра бувад кайҳон, ҳар қатра дусад Уммон,
Роҳи раҳи бероҳист чун мор хазиданҳо.

Донам, ки намедонам, асрори вуҷуди хеш,
Аз ҳич давиданҳо, то ҳеч расиданҳо…

*2000*

*  *  *

Ба ҳазору як тарона тараби маро садо кун,
Ба ҳазору як фасона нафаси ҳавас ато кун.

Зи ғубору гард бигзар, зи хазону зард бигзар,
Зи мазори сард бигзар, назари шарарнамо кун.

Зи гузаштаат гузаштам, зи гузаштаам набигзар,
Ба баҳонаи нарастан қафаси шикаста во кун.

Назарат паёми рӯз аст, шарарат сиёҳсӯз аст,
Ману ишқро сано гӯй, ману ишқро дуо кун.

Сари хандаро бичархон, дили гиряро биларзон,
Гули шуъларо биафшон, гили дударо зиё кун.

Бикушо гиреҳи шаҳпар, бишикан сукути мармар,
Ба самоъи сӯфиёна шарру маҳшаре бапо кун.

Ба фурӯғи соҳирона, ба дурӯғи шоирона,
Ба намудани набуда ҳамаро рақиби мо кун!

*2000*

*   *   *

Ин баҳорон, ин баҳорон, аз ту пур омад,
Пур зи ханда, пур зи ғунча,пур зи нур омад.

Ғуссаамро бӯсаи падруд эҳдо кард,
Бахти волотахти ман аз роҳи дур омад.

Бо ҳавои рақси хуни хӯшаи ангур,
Бо навои чангу гулбонги булӯр омад.

Ҳамзабони достони «Сабзандарсабз»[1],
Бо тарона, бо фасона, бо сурур омад.

Бо паёму бо қиёми рӯшнойиҳо,
Қосиди яздон[2] зи пушти кӯҳи Тур омад.

То мани шабзиндадори деви танҳоӣ
Ишқи ман бо парчами хуршеду ҳур омад.

*2000*

[1] Савти Борбад.
[2] Мусопаёмбар.

*  *  *

Шоири ояндаам, ояндаро оянда ку?!
Номаи арзанда дорам, ворими арзанда ку?

Рози нозам дар ҷилои ахтаре рахшиду мурд,
Ахгари набзи ниёзамро гили рахшанда ку?

Нақш дар ойинаи бишкаста дорад суратам,
Шодиямро ғам гирифта, гиряи беханда ку?

Бедилонро метавон бо марги як дил сила дод,
Додхоҳонро, худоро, дафтару парванда ку?

Гӯши фардо пардадори навҳаи дирӯз нест,
Ҳасрати сӯзанда дорам, қисмати созанда ку?!

Духтари Зояндарӯдам, дарди покӣ мекашам,
Дар хамӯшии хурӯшам қудрати зоянда ку?

*2001*

*  *  *

Омадам дар ҷустуҷӯи одамӣ то одамакҳо
Бо ғурури ҷовидона то шукуҳи якдамакҳо.

Кофта асрори ҳастамро зи дарбасти хаёле,
Ёфта осори ҳастиро зи айши ғамрамакҳо.

На фаре дорам, ки рахшад аз сиёҳии ҷаҳолат,
На саре дорам, ки бахшад мағзхолии самакҳо.

Безуқум дарди ғурурамро намехоҳам давое,
Талхбеморам зи ширинии заҳри бенамакҳо.

Оламеро хеш гаштам аз раҳи ноошноӣ,
Ҷовидон бегонаам бар хешкешии камакҳо.

Дар паноҳи ашку оҳи лаҳзае безарда будан,
Мечашам заҳри шиори гирядори беғамакҳо…

*2000*

*   *   *

Биё, равони равона зи роҳ баргардон,
Сабоҳи сабзнишона зи моҳ баргардон.

Зи хуни бешарари хеш зиндаам мурда,
Маро ба тобу таби бӯсаҳоҳ баргардон.

Фиғони ҷони хазонрез кард гирёнам,
Ба базми бефараҳи ҷашнгоҳ баргардон.

Ҳазор санги сияҳ нусхаҳоҳи фарқи ман аст,
Маро ба шаъшаъаи як нигоҳ баргардон.

Зи рози ҳандасаи каҷҷу рост ғофил соз,
Ба ози фалсафаи иштибоҳ баргардон.

Савоб бегунаҳӣ нест, аз раҳи покӣ,
Маро ба бегунаҳии гуноҳ баргардон!

*2000*

* * *

Пайки гул будаму пайкори ниқорам кардед,
Байти дил будаму таҳрири шиорам кардед.

Шарари ахгари хокистари худсӯхтагон,
Хаси таҳсӯзи таги деги таборам кардед.

Хастаи раста кушодам пару боли баста,
Бо камони ҳасаду кина шикорам кардед.

Шеъри исёни асаб, хандаи гирёни насаб,
Ҳарфи фардои шумо будаму порам кардед.

Навҳаи доди шумо, нуктаи эҷоди шумо,
Ораши ори шумо будаму орам кардед.

Зини Шабдиз зи Ширинии ман холӣ монд,
З-он ки бар маркаби Даҷҷол саворам кардед.

Дар баҳоре, ки пайи марги хазон механдид,
Гулирухсори шумо будаму хорам кардед…

*1999*

*   *   *

Ба ситораи нигоҳат, ба само назар намудам,
Зи ҷазо назар гирифтам, ба қазо назар намудам.

Чу наво баланд рафтам, паридарпаранд рафтам,
Зи паридани пари ҷон, парупо назар намудам.

Дилу дин бирафт бо ту, шару кин бирафт бо ту,
Чу замин бирафт бо ту, ба фазо назар намудам.

Зи камоли банда ғофил, ба ҷамоли банда моил,
Ба ҷилои дидаи ҳақ ба зиё назар намудам.

Ҳама будаӣ ту, эй як, ҳама будаӣ ту, бешак,
Ҳамаро чу нусхаи ту, ҳама ҷо назар намудам.

*2000*

*   *   *

Ашк дар чашми мадоро ранги оби мурда аст,
Хуни дилро ҳузни ғам занги шароби мурда аст.

Марг дар ҳар зарраи хоки фано дил мезанад,
Зиндагӣ гар хоби бедорист, хоби мурда аст.

Аз пайи дунё давидан дур аз худ рафтан аст,
Дар табу тоби шитоби мо итоби мурда аст.

Дуди талхе, ки зи ҳалқи шӯъла берун меравад,
Дудаи нафси ҳавасҳоро кабоби мурда аст.

Фазли нӯҳ офоқро риндона бардорад замин,
Осмон бе фитрати инсон китоби мурда аст.

Шоири шӯридаи оғозу анҷом аст ишқ,
Маънии орӣ аз ин маънӣ ҳисоби мурда аст.

*2000*

*   *   *

*Оташи ишқ аст, к-андар най фитод,*
*Ҷӯшиши ишқ аст, к-андар май фитод.*
*Мавлоно. (Маснавии Маънавӣ.)*

Дар найкада мавзун аст рақси найи Мавлоно,
Дар майкада маҳзун аст сури майи Мавлоно,
Бо тобаи сарди худ, бо тобиши фарди худ,
Нилуфари кайҳон аст барфи дайи Мавлоно.
Аз кӯҳ шуда боло, бо рӯҳ шуда ҳамроҳ,
Худкиштайи Мавлоно, худкуштайи Мавлоно.
Хуни ҳаваси оташ, фарёдраси оташ,
Дорад нафаси оташ шеъри ҳайи[1] Мавлоно.
Аз ҳечи фано хандон, аз печи самоъ гирён,
Ҳарфи башари танҳост устурайи Малоно.
Сад парда дуо дорад, сад чашма сафо дорад,
Парвардаи хуршед аст пири Тайи[2] Мавлоно.
Сурхе зи кабуди дуд, сӯзе зи вуҷуди ӯд,
Шӯре зи қиёми рӯд орад майи[3] Мавлоно.
Тобути ниё бар дӯш, сар дар таги каш, хомӯш,
Дар Рум зада раҳгум кешу кайи Мавлоно.
Чун боғи ҳазан бебарг,чун ишқи Ватан бемарг,
Дар Куния[4] охир шуд Балху Райи Мавлоно.
Шамсулҳақи эҷодаш, хуни раги эъҷозаш,
Сад шӯъла забон дорад, сӯзи найи Мавлоно…

*1999*

---

[1] зиндагӣ
[2] Ҳотами Тай.
[3] Пиёла.
[4] Оромгоҳи Мавлоно дар Куния (Туркия)

*   *   *

Маҳ менигарад бефараҳ аз зинаи чашмам,
Акси ту кашад Монии деринаи чашмам,

Шаб мегузарад сояи хуршед дар оғӯш,
Фарёд занад ёди ту дар синаи чашмам.

Ашке, ки ба пойи ҳаваси ёд кунам бод,
Дурри алами туст зи ганҷинаи чашмам.

Эй дур зи ширинии сӯзи нафаси ишқ,
Бишнос маро аз шарари динаи чашмам.

Бо дида надидан шудаам шуҳраи даврон,
Ҷӯёи туву оташи пешинаи чашмам.

Гуми туву пайдои ҳама, нестам, эй ишқ,
Тасвири ту бишкаста дар ойинаи чашмам…

*1999*

*  *  *

Пайкари сардам, равони оташин гум кардаам.
Дар дифои худ силоҳи охирин гум кардаам.

Ақди шайтону малак нақди маро таҳрир кард,
Дар каломи тавба ҳарфи офарин гум кардаам.

Хашми бедоди замон чашми забонамро бубаст,
Минбаре болотар аз чархи барин гум кардаам.

Аз сукути саҳраҳо ояд садои набзи ман,
Дар баҳои ҳарза дунёи яқин гум кардаам.

Ёси гулханбӯйиро барфи қазо дар боғ кушт,
Дасти меҳангӯйиро дар остин гум кардаам.

Ашкро бар гӯри холии ҳавас афшондаам,
Ишқро дар зулмати нурофарин гум кардам.

Хешро гум карданам кам буд дар зулмоти нур,
Ки худоро байни кайҳону замин гум кардаам?!

*1999*

*   *   *

Паси девори ту ҷойи қадаме гирён аст,
Дар гули хандаи ман барги ғаме гирён аст.

То даме ворисӣ бечораи Ҷамшед туӣ,
Дар лаби миллати ман Ҷоми Ҷаме гирён аст.

Зиндагӣ пир шуду ишқ ҷавон аст ҳанӯз,
Ба ҷавонпирии ман беши каме гирён аст.

Сари танҳои ману ҷамъи парешонии ту
Дар пари оҳеву дар чашми наме гирён аст.

Дар фиғони назарам ҳаҷри аён аст баён,
Дар хамӯшии ту захми аламе гирён аст.

Қимати лаҳза аз он дар назарам афзун шуд,
Ки паси ҳар нафаси бе ту даме гирён аст.

Ба кӣ гӯям, ки қаламро аламат дода ба ман,
Аз кӣ пурсам, ки чаро ҳар қаламе гирён аст?!

*1999*

* * *

Дар остин гиристам зи марги ишқи фониам,
Зи ранҷи хастаҷониям, зи ганҷи бенишониам.

Фасонае набофтам, таронае насохтам,
Зи ҳусни бехазониям, зи ҳузни гулфишониам.

Зи панҷаҳои лоли худ, шунида шарҳи ҳоли худ,
Ҳадиси ноаёниям, фиғони безабониам.

Ба пойи худ нишастаам дар остони бекасӣ,
Зи боди ёд мерасад хумори ғамниҳониам.

Ситораҳо шарар шуда, ҷавонаҳо самар шуда,
Хазону ҳарзапир шуд, ҷавонаам, ҷавониам.

Куҷо равам зи хеши худ, зи кеши худ, зи неши худ,
Зи захми реш-реши худ, зи маҳшари намониам?!

Гиристам, гиристам, зи шарми нотавониам,
Назистам, назистам, бубахш зиндагониам…

*1999*

*   *   *

Навбаҳор асту гулу хор ғазал мехонад,
Шарару шаршараву сор ғазал мехонад.

Сардии ҷону аламғуссаи ҳиҷрон падруд,
Васл аз давлати дидор ғазал мехонад.

Ишқ дар шаҳраги эъҷоз маҷозе дорад,
Ғунча андар бағали хор ғазал мехонад.

Бодаро шӯри ниҳон асту шари хуни разон,
Бод аз накҳати гулзор ғазал мехонад.

Лол бо панҷаву лаб тори тараб ҷӯр кунад,
Лаъл аз сурхии асрор ғазал мехонад.

Бандагӣ бо ҳама банду қафасаш озод аст,
Зиндагӣ бо Гулирухсор ғазал мехонад!

*1999*

*    *    *

Фасли гулафшон асту ман
          як гул надорам дар нигоҳ,
Дар базми нози ғунчаҳо
          ғулғул надорам дар нигоҳ.
Пархоши деву ҳур бин,
          подоши ақли кӯр бин,
Бар дӯш зини орзу,
          Дулдул надорам дар нигоҳ.
Рақси суман гӯяд ба ман
          аз ҷон супурдан бесухан,
Гулбун фиғон кун баҳри ман,
          булбул надорам дар нигоҳ.
Чашми ту ҷоми холияст,
          дом аст, доми холияст,
Ҳушёрмасти ҳасратам,
          қулқул надорам дар нигоҳ.
Базми замон нобуд рафт,
          бе уд рафт, бо дуд рафт,
Бо талхии падруд рафт,
          Гул, гул надорам дар нигоҳ.
Рӯди равон «Шаҳнома»-хон,
          хонад маро сӯи ҷаҳон,
Чун Кобули вайронаам,
          Зобул надорам дар нигоҳ…

*1999*

*   *   *

*Маро аз чашми шабнам офариданд…*
*Бедил*

Маро чун бод озод офариданд,
Зи дарду шодии зод офариданд.

Зи обу гил иморат карда мушкил,
Гуле зишту паризод офариданд.

Зи гарди домани гардуни гардон
Шукӯҳи умри барбод офариданд.

Зи оҳам, аз гуноҳам, чун гувоҳам
Фиғони лолии дод офариданд.

Зи ҷонам, аз ниҳонам, аз ҷаҳонам
Забони навҳаи ёд офариданд.

Хуруши хандаам ғампӯши дард аст,
Маро чун гиряэҷод офариданд.

Надорам зӯри мӯри роҳ, лекин
Зи рӯҳам кӯҳи имдод офариданд.

Зи хомӯшии исёни ҳақирон
Маро як мушт фарёд офариданд!..

*1999*

*  *  *

Ман он гулам, ки дар хазони худ шукуфтаам,
Зи захму доғи ҷони ҷони худ шукуфтаам.

Фусурда будам ар зи хашми тундбод,
Зи сеҳри меҳри боғбони худ шукуфтаам.

Ба ранги чангхӯрдаву ба гунаи ҳазин,
Зи хандаҳои ғамфиғони худ шукуфтаам.

Ба сардии нигоҳи ҳосидон гирифта хӯ,
Зи фасли дери имтиҳони худ шукуфтаам.

Зи марзубуми решагуми худ дамидаам,
Дар обу хоки бенишони худ шукуфтаам.

Чӣ бовиқор шамси интизор медамад,
Чӣ меҳрбону меҳрҷони худ шукуфтаам.

Зи хуни лахчае, ки ҳарфи ҷони зулмат аст,
Ба сони шӯъла дар забони худ шукуфтаам…

*1999*

*   *   *

Ба диёри гул расидам, ҳаваси баҳона дорам,
Зи хумори гул расидам, нафаси хазона дорам,

Ҳама достони булбул бувад аз забони як гул,
Зи фиғони бетарона талаби фағона дорам.

Зи замонаи ҳақирон дами дам амонатам нест,
Ба зуқуми ҳарзаширин зақани замона дорам.

Ҳамаро зи оби дида чу садаф бурун кашидам –
Гуҳари гарони арзон, дили ғамнишона дорам.

Туву шавқи дилфишонӣ, ману завқи бенишонӣ,
Шари омиёна дорӣ, фари осифона дорам.

Зи баҳори сабзмирон, ба хазони зардпирон
Гули шеър дар ниҳони гили шоирона дорам…

*1999*

*   *   *

Мурғи ситора мепарад сӯйи биҳишти хобҳо,
Вақт чағона мезанад дар нафаси шитобҳо.

Дур зи тур мекунад мурғи қафас фароғате,
Ошиқи бандагӣ бувад ойинадори қобҳо.

Пуштаи куштаҳо агар шарҳу баёни нестист,
Кайфияти фано бувад кайфари инқилобҳо.

Аз гули нор бишнавам зӯзаи изтиробҳо,
Фалсафаи азобҳо, ҳандасаи ҷавобҳо.

Аз раҳи дур омадам ояи нур бар забон,
Ахгари ишқ метапад дар раги офтобҳо.

Омадаам, ки сар диҳам қаҳқаҳи сарди хуни худ
Бар ҳама гармҷӯшии қолабии ниқобҳо.

Дар ҳарами савоби ман ҷойи вубол холӣ аст,
Бӯса кунад гуноҳи ман ҷилвагаҳи саробҳо…

*1996*

*   *   *

Мастиям шевотарин ҳушёрӣ аст,
Хоби ман гӯётарин бедорӣ аст.

Бо дами ғам шоду хуррам зистан,
Шеваи худсозиву худхорӣ аст.

Санъати нашкастану худсохтан
Дар ҷаҳон волотарин меъморӣ аст.

Дар гиребон ашки исмат коштан
Зиннати фирдавсии гулкорӣ аст.

Ишқи ман, табларзаи рози вуҷуд,
Хуштарин, зеботарин беморӣ аст.

*1999*

*    *    *

Паёми ишқ мерасад, навиди кибриё куҷост?
Шаби сиёҳ меравад, сабоҳи пурзиё куҷост?

Чу ҳур пар кушодаам,чу сур фар кушодаам,
Ҳавои ишқи Одамам, сафо куҷо, вафо куҷост?

Мане, ки ишқзодаам, зи осмон фитодаам,
Зи ошиқӣ пиёдаам, раҳии раҳнамо куҷост?

Зи ҳусн сад нишонаам, зи ҳузн сад таронаам,
Ба чакчаки чакомаам шиори ҳамсадо куҷост?

Никоҳи фарнабударо зи шоҳи ғам буридаам,
Зи чашми нам фирориям, диёри дилкушо куҷост?

Барои ту зи осмон нигоҳи ҷон гирифтаам,
Бигӯ, бигӯ, худои дил, Худо куҷо, Худо куҷост?!.

*1999*

*  *  *

Ашки булбул атри гул шуд, ҷилваи пардоз бин,
Санъати эъҷозро дар суръати парсоз бин.

Оташи хуни асирон аст дар шарёни барқ,
Шаҳраги гил метапад анҷомро оғоз бин.

Гуфтугӯи ахтарон бо шабравон дорад забон,
Дар сукути Каҳкашонҳо пайкари овоз бин!

Бо ҳавои ҳар нафас дил мезанад мурғи қафас,
Дар ҳавои беҳавоӣ ҷуръати парвоз бин.

Қосиди андешае аз ҳафт гардун боз гашт,
Ҷаҳлро аждарнавозу фазлро шаҳбоз бин.

Ҷамъу тарҳи миллату меҳан зи пову сар бизан,
Лолаи Дарбандро дар ёлаи Дарвоз бин.

Шеър ҷуръатномаи разм аст бо шери аҷал,
Рамзи урёни суханро пардадори роз бин…

*1999*

*  *  *

Байни нигоҳи ману ту маҳшари оҳ аст,
Байни сабоҳи ману ту шоми сиёҳ аст.

Фасли намуданам гузашт, ҳайфи набудан,
Фасли шитоб мерасад, лаҳза гувоҳ аст.

Хирмани зиндагониям дона надорад,
Ҳосили заҳмати ҳунар чун пари коҳ аст.

Ғурбати дар Ватан маро сахт фусурда,
Миннати меҳри ҳамватан заҳргиёҳ аст.

Аз пайи соя меравам сӯйи набудан,
Будани бе ту ҳолиё ҳоли табоҳ аст.

Ҷоизаи савоби ман пеши худо чист,
Ишқ вубол аст агар, ишқ гуноҳ аст?!

*1999*

*      *      *

Ман ишқро зи ҷавҳари нафрат кашидаам.
Аз чашми нур пардаи зулмат кашидаам.

Бо килки шӯъла аз гили сарду сиёҳи шаб
Бар чашми субҳ сурмаи исмат кашидаам.

То дар хаси хазонае хандад ҷавонае,
Бо неши хор бӯсаи ҳасрат кашидаам.

Бар шонаи занонаам, ганҷи ягонаам,
Бори гарону қимати иззат кашидаам.

Дар номи шоиронаам нози таронаам,
Якумр аз ғурури худ миннат кашидаам.

*1999*

*   *   *

Шеър, асрори хумори будан аст,
Лавҳаи санги мазори будан аст,

Чанг бар домони беранги фано
Лаҳзаро фурсатшумори будан аст.

Чун хати мехии рӯйи сахраҳо
Ҳам шууру ҳам шиори будан аст.

Рафтагонро лавҳаи санги мазор,
Мондагонро зиндадори будан аст.

Дар нафас чангу ғубори қарнҳо
Оҳи сарди рӯзгори будан аст.

Як варақ шарҳи зуҳури офтоб,
Як рамақ нуре зи нори будан аст.

*1999*

*   *   *

Баъди сукуту хобҳо шавқи фузуни ман расид,
Дар нафаси шитобҳо бахти забуни ман расид.

Боғи дилам шукуфта аст, доғи дилам нуҳуфта аст,
Шуъла зи дидаам дамид, оташи хуни ман расид.

Ишқ паёми ховар аст, гунасафеду чашмсабз,
Аз назари ситорае назри фусуни ман расид.

Гулсара медамам зи худ,чун бара мерамам зи худ,
Ҳар чӣ расид содаё, аз зуфунуни ман расид.

Аз пайи об меравам, базми шароб меравам,
Масту хароб меравам, фасли ҷунуни ман расид...

*1999*

*  *  *

Ба ман офтоб бинмо зи нигоҳи барфборат,
Шарари шарора бахшо зи ҳавои абрдорат.

Қафаси фасона во кун, ҳаваси маро садо кун,
Зи дили умедёрат, ба гули умедворат.

Зи сар – об мерасӣ ту, чу сароб мерасӣ ту,
Зи дурӯғи саъдиёна, ба фурӯғи интизорат.

Ба худо, ки ҳар чӣ дорам сари сӯзане наарзад,
Ба дуои орзуят, ба санои ифтихорат.

*1999*

*      *      *

Арғушти накҳати гул дар бӯстон муборак,
Рақси фари парасту дар осмон муборак.

Рав дарду ғам, ки шодем, хони зиё кушодем,
Паймонаи фараҳзо бар ғамхушон муборак.

Дунё пур аз фасона, дилҳо пур аз тарона,
Фасли фасонаи ишқ бар ошиқон муборак.

Дар базми худшиносӣ аз бодаи халосӣ
Бе неш нӯш кардем, шодирасон муборак.

Як дастро садо нест, як тор хушнаво нест,
Пайванди ҳамҷаворон то ҷовидон муборак.

Мо як танему як ҷон, мо як дилему як рӯҳ,
Эй рӯҳи хастаи ҷон, тобу тавон муборак.

Аз сад бало гузаштем, аз Карбало гузаштем,
Охир ба худ расидем, бахти гарон муборак!

*1999*

*    *    *

*Барои Фотимаи Хоқонӣ*

Ҳайфи ман, ҳайфи ҳама манҳои дар ман гум шуда,
Ҳайфи ман, ҳайфи ҳама занҳои бо ман гум шуда.

Дар шабистони фано хуршед бар каф доштам,
Ҳайфи хуршеди даруни чашми равзан гум шуда.

Нола мечинам зи боғи доғҳои хастагӣ,
Аз ғами дил рӯ зада, дар оҳу шеван гум шуда.

Як чаман розу ниёзу ишқу ашку хандаам
Дар сухан сабзидаву дар мазраъи фанн гум шуда.

Ишқи ту наврӯзии ман буд, бо наврӯз рафт,
Чун гули хорошикан дар барфи баҳман гум шуда.

Ишқи ман пушти дари бегона менолад хамӯш,
Бе мани дар чашми ғамолуди Меҳан гум шуда.

Он қадар гумам барои дӯстону душманон,
Гӯйӣ андар кӯҳи каҳ як дона сӯзан гум шуда…

*1999*

*   *   *

Шоири танҳоиям, танҳоӣ мадюни ман аст,
Ошиқи танҳоиям, танҳоӣ мафтуни ман аст.

Нағмаи осоише аз ғамхушеву худкуше,
Навҳае аз захмаи шодии маҳзуни ман аст.

Зодаи як ҷуфти танҳоям зи танҳозодагон,
Ворнси танҳоиям,танҳоӣ дар хуни ман аст.

Сарнавиши саркашам,танҳоии тиллоиям,
Савти Қайсу сарвати нодорқоруни ман аст.

Ман ба танҳоии худ танҳо ибодат мекунам,
Маъбаду обидаи ман қалби ҳомуни ман аст.

Назми танҳоофарам баҳри арӯзи бекасӣ,
Шеъри ман фарёди шеванофари хуни ман аст...

*1999*

* * *

*Барои Ятими Нур*

Ман ки дидори худоро ҳама ҷо мебинам,
Ҳамаро аз назари поки худо мебинам.

Ошиқи рафтану бозомадани хуршедам,
Дар лаби рӯди равон зикри зиё мебинам.

Асли ман нусха надорад, якаму якдона,
Ҳамаро ҷуз ҳаќу ҳақдод дуто мебинам.

Шоири хуни худу набзи худу дарди худам,
Ҳар чи мебинам, аз ин равзанаҳо мебинам.

Пунбаи меҳр ба роҳи ҳамагон мекорам,
Ҳар гаҳ аз сангдилон санги ҷафо мебинам.

Дами тӯфони ҳаводис пари коҳам, чи аҷаб,
Гар наҷоти дами дамро зи фано мебинам.

Нураму соя надорам, таги ин чархи сиёҳ,
Ҳамаро нурнамо, нурато мебинам.

Устоди мани устоднадида ишқ аст,
Панди ин оқили девона расо мебинам.

Ҳамагон ташнаи рӯданду манам ташнаи рӯҳ,
«Ҳамагон хонаву ман хонахудо мебинам...»[1]

*1998*

[1] «Ҷилва бар ман мафурӯш,эй маликулҳоҷ, ки ту,
Хона мебиниву ман хонахудо мебинам…»

*Ҳофизи Шерозӣ*

* * *

Зиндагӣ бо чашми гирён рафт, ҳайф,
Ашки дарё, рашки тӯфон рафт, ҳайф.

Хоб будам дар сари зонуи вақт,
Умр чун хоби парешон рафт, ҳайф.

Гулшани бо хуни дил парвардаам
Ҷилвагоҳи барфу борон рафт, ҳайф.

Бо мани бе ман куҷо рафту чӣ кард,
Бахти нопайдову сарсон рафт, ҳайф!

Атри гул дар сатри борон монд, монд,
Фасли гул дар васли ҳиҷрон рафт, ҳайф.

Рози гул дар нози гул бинҳуфта монд,
Сози дил бо оҳи сӯзон рафт, ҳайф.

Ишқи шоирзоду шоирпарварам
Дар азои худ ғазалхон рафт, ҳайф!

*1998*

*   *   *

Кист дар вуҷуди ман ошнои бегона,
Деви ҳури расвоӣ, хонадори бехона.

Аз фурӯғ менолад, аз дурӯғ меболад,
Мекашад маро берун аз ҳарими афсона?

Тифл, тифли оҳугир, пир, пири бетадбир,
Бодзодаи озод, хеши банду завлона.

Ҷони нотавони ман, хасми беамони ман,
Оҳанини оташзод, мармарини гулдона?

Дар равон намегунҷад, дар тавон намеғунҷад,
Дурри холии дида, дудаи гуҳардона.

Оқибат зи худ бехуд мебарад маро бо худ,
То кунад маро нобуд ҳушёри девона…

*1998*

*   *   *

Зиндагӣ бигзашту суратгири ғафлат мондаам,
Дар лаби лоли таманно чун аломат мондаам.

Раҳнамои роҳгуми ишқу армони касон,
Бо худи худ ҳарзабемори муҳаббат мондаам.

Ҳам савобам, ҳам вуболам, ҳам суолам, ҳам ҷавоб,
Дар забони сифла чун ҳарфи маломат мондаам.

Санг аз бишкастани нашкастанам дар ҳайрат аст,
Сангро бо шиша бишкаста, саломат мондаам.

*1998*

* * *

То нафас фурсатшумори зиндагист,
Ҳар қафас миннатгузори зиндагист,

То ҳавас арзи хумори будан аст,
Дар дами ҳар дам шарори зиндагист.

Рӯзгори дур аз ҳаҷру висол
Дар шумори бешумори зиндагист.

Барқ пайке аз баҳори зистан,
Раъд байте аз шиори зиндагист.

Барфро шавқи шукуфтан об кард,
Дар гули оташ хумори зиндагист.

Субҳ оғози ҳама анҷомҳост,
Шом парчамдори нори зиндагист.

То даме дил дар забон ҷон меканӣ,
Машқи мурдан зиндадори зиндагист…

*1998*

*  *  *

Ҳарчанд паси пардаи асрори шумоям,
Дар дафтари ҳақ нуқтаи кирдори шумоям.

Аз дида чароғ ораму аз дуда сапеда,
Эй бебасарон, дидаи бедори шумоям.

Худро зи аламхонаи бегона наҷӯед,
Эй гумшудагон, нусхаи осори шумоям.

Рӯзарду нигаҳсарду пур аз дард чароед,
Ман ғунчаи баҳманкуши рухсори шумоям.

Оташдилу оташгилу оташнафасу сард,
Ман дудкаши оҳи дили зори шумоям.

Бо дидаи зулмат натавон дид худоро,
Дар дидаи шаб нури шумо, нори шумоям.

Дар базми аду разми шуморо бисароям,
Ман номи шумо, нанги шумо, ори шумоям.

Гар бегунаҳӣ низ гуноҳ аст, ҳама умр,
Мансури гунаҳгори сари дори шумоям.

Аз шеъри ману меҳри ман озор наҷӯед,
Дар ҳарду ҷаҳон, ёри вафодори шумоям.

З-он бо мани озода карам нест шаҳонро,
К-эй қавми гадо, шоири дарбори шумоям.

*1998*

* * *

Зиндагӣ дар шитоб мегузарад,
Умр монанди об мегузарад.

Масту ҳушёру хуфтаву бедор,
Хоб дар чашми хоб мегузарад.

Вақт дар оҳи ларза метаркад,
Бахт ранги сароб мегузарад.

Барги зарди хазон фиғон дорад,
Ашки сабзи саҳоб мегузарад.

Ҳастии ҳаст лухту урён аст,
Нестӣ дар ниқоб мегузарад.

Дар ҷилои намудану мурдан,
Ишқ аз офтоб мегузарад…

*1998*

*  *  *

Эй ишқ, ба дунёи ту бармегардам,
Аз дина ба фардои ту бармегардам.

Аз олами озодии бесӯзу фараҳ,
Бар маҳбаси зебои ту бармегардам.

Гул додаву гул чидаву гул корида,
Бо фасли гулафзои ту бармегардам.

Аз сояи чашми бади зулматназарон
Фархундаву лолои ту бармегардам.

Аз ҳикмату аз фалсафаи мурдадилон
То шавқу таманнои ту бармегардам.

Бе тӯшаи умри рафта хушнуду ҳазин
Пири туву барнои ту, бармегардам.

Бе ту ҳама савдогару бозаргонанд,
Бо шеър ба савдои ту бармегардам…

*1997*

* * *

Шаб ба поён мерасад пушти дари танҳоиям,
Субҳи гирён медамад аз ховари танҳоиям.

Ҳар азизе дарди ширине маро бахшиду рафт,
Талхии умр аст андар соғари танҳоиям.

Анҷуманро сардии эҳсоси ман озурдааст,
Ахгари барф аст дар хокистари танҳоиям.

Ҳеч ҷуфтеро накардам тоқ аз озу нифоқ,
Бо сари танҳои танҳо ҳамсари танҳоиям.

Тахти миннатро раво бинед бар ҷамъи пареш,
Тоҷи Кайхусрав бувад зеби сари танҳоиям.

То гулафшони хазон дар шеъри ман созад фиғон,
Як чаман хонанда хонад дафтари танҳоиям.

Базми сарҷамъони танҳо мотами бегонагист,
Ман гувоҳи бепаноҳи маҳшари танҳоиям.

Рақси ман ҷонкандани танҳост байни анҷуман,
Модари Миллат наям ман, модари танҳоиям!

*1996*

*  *  *

Хушномаму бадномам, ҷононаи танҳоӣ,
Бишкастаму нашкастам, паймонаи танҳоӣ.

Хеши ҳама бехешон, пеши ҳама ғамкешон,
Бар ҷамъи ҷаҳон хандон аз шонаи танҳоӣ.

Аз анҷумани танҳо парҳезаму бигрезам
То анҷумани танҳо, аз хонаи танҳоӣ.

Оҳанги хазон дорад, арғушти равон дорад,
Дил дар пари ҷон дорад, парвонаи танҳоӣ.

Дастури қазо раста, дасти парупо баста,
Дар маҳбаси худкоҳӣ завлонаи танҳоӣ.

Мастураму машҳурам чун шоири танҳоӣ,
Монад ба ҷаҳон аз ман афсонаи танҳоӣ...

*1996*

* * *

Дардам гузашт..,
Ҳоҷати дармон намондааст,
Захмам шукуфт, ғунчаи гирён намондааст.

Аз бесадо шикастани ойинаи дилам
Оҳанги ларза дар лабу дандон намондааст.

Дигар зи сӯзу сози дил ҷонам наметапад,
Ҷонро зи тобу тоқати дил ҷон намондааст.

Зиндони сабрпарварам аз осиён тиҳист,
Дар хуни сард сурхии исён намондааст.

Бигзашт фасли хушкбари ашкҳосилам,
Дар заҳри заҳра талхии ҳиҷрон намондааст.

Ҷоиза буд ё ҷазо наврӯзи ишқи мо?
Дар ёди ёд ғунчае хандон намондааст…

Аз пушти Рахши Рустами олиҷанофи ман
Ҷуз гард бар ҳавои биёбон намондааст...

*1995*

*     *     *

Ману ман то саҳар шеван сурудем,
Яке тору яке равшан сурудем,

Барои оташи худкишта, кушта,
Зи озарсӯзии баҳман сурудем.

Навои нола бар лаб, тоб дар таб,
Зи дарди ҷон барои тан сурудем.

Зи оташ раста бар зулмат нишаста,
Барои дуд аз равзан сурудем.

Фиғони иззати афтодагонро
Барои зини бетавсан сурудем.

Зи марги нор мотамдору ғамдор
Сиришки хушк як доман сурудем.

Барои марди ноарзанда, ноқис,
Зи ҳусни баркамоли зан сурудем.

Зи ҳастӣ дур аз ҳастӣ гиристем,
Зи Меҳан дур аз Меҳан сурудем…

*1996*

*   *   *

Ман ба овои гул аз хона бурун хоҳам рафт,
Чу таманнои гул аз дона бурун хоҳам рафт.

Шӯъласон дар қафаси танги нафас печида,
Аз гили хеш чу парвона бурун хоҳам рафт.

Аз нами оташи худ сӯхта монанди чанор,
Аз яхи машъала суғдона бурун хоҳам рафт.

Барқсон аз ҳарами тори фалак рақскунон,
Поку покизаву девона бурун хоҳам рафт.

Тоатам бар насаби бод ғалат буд, ғалат,
Аз дари хеш ғарибона бурун хоҳам рафт.

Рӯҳи озоди маро миннати зиндон аҷаб аст,
Ҳалқа аз ҳалқаи завлона бурун хоҳам рафт.

Садди Искандари ошиқ шиканам бо гули ноз,
Ҳар гаҳе гулруху Рахшона[1] бурун хоҳам рафт…

Ман ба овози гул аз хона бурун хоҳам рафт,
Ҳамчунон рози гул аз дона бурун хоҳам рафт.

Оқибат аз гили сармозада дил хоҳам ёфт,
Оқибат аз худи бегона бурун хоҳам рафт.

*1995*

---

[1] Рухшона, Рахшона, ҳамсари Искандари Мақдунӣ, ки гӯё тоҷик будааст...

*       *       *

*Барои Шаҳлои Мунаҷҷамӣ*

Чашмони ту тарҷумони дарданд,
Ҷоизабари фиғони дарданд.

Бо гиряи садзабон биханданд,
Чашмони ту худ забони дарданд.

Афсонаи нуру нор доранд,
Чашмони ту шӯълабони дарданд.

То ишқ фиғони безабонист,
Чашмони ту ғамбаёни дарданд.

То ғусса рақиби шодмонист,
Чашмони ту ғамнишони дарданд.

Кӣ гуфт, ки дардро замон нест?
Чашмони ту ҳамзамони дарданд!

Савганд ба ахтарони ашкат,
Чашмони ту осмони дарданд!

*1995*

*　*　*

Ман дардро ба тоқати дармон супурдаам,
Номардро ба нафрати мардон супурдаам.

Сартобапой дардаму дармонда нестам,
Бас дардро ба довари дармон супурдаам.

Ҳушёри маст кӯзаи базми замон ба даст,
Паймонаро ба вориси паймон супурдаам.

Хандида ранги оташак андар ҳалоки хеш,
Чун барқ бар шабони сияҳ ҷон супурдаам.

Бар ҳосидони носазо кахдуди қаҳқаҳа,
Бар оҷизони норасо «Девон» супурдаам.

Гар бо ҳама ҳақорату таҳқир олиям,
Оли наҷоти хеш бар Сомон супурдаам.

Ёрони ҳасмгаштаву хоину сифларо,
Аз рӯйи меҳр бар худи яздон супурдаам…

*1994*

* * *

Ҷонро чи кунам, миннати ҷонро чӣ кунам,
Дар қолаби тан рӯҳи равонро чӣ кунам?

Аз моҳ тамошои замин мекардам,
Аз чоҳ таманнои замонро чӣ кунам?

Барге зи баҳори дил ба пирӣ нарасид,
Аз ишқи ниҳон ашки хазонро чӣ кунам?

Дар хилвати шаб барои худ менолам,
Хамёзаи даҳрӯзаҷаҳонро чӣ кунам?

Дар шаҳраги ҷон силоҳи ҳиҷрон таркид,
Дар ҳифзи гилам тиру камонро чӣ кунам?

Пастони назар дар остонам диданд,
Пастиву баландии каёнро чӣ кунам?

Саркӯби савоби тавба, саргардонам,
Бе рӯйи Ватан рӯйи ҷаҳонро чӣ кунам?

Дар марги ғурури хеш мотамдорам,
Бо бешарафон шӯҳрату шонро чӣ кунам?

Пирон зи пайи асо ба манзил бирасанд,
Чашмони асои каҷравонро чӣ кунам?!

*1993*

*   *   *

Он ки аз ман биравад сӯйи мани хаста, манам,
Зору ночор ба пойи ҳама биншаста манам.

Қадаҳи ҳузн гарам бар лаби шодӣ нашикаст,
Кӯзаи пурмайи дар майкада бишкаста манам.

Афсари бесилаҳи мулки дилу дидаву меҳр,
Даргушои фараҳи пушти дари баста манам.

Гар савобам зи вуболам набувад беш, бахайр,
Тири аз ҳалқи камони ҳама вораста манам.

Растагорӣ набувад расми ғуломони ҳақир,
Сайди аз панҷаи кафтори гунаҳ раста манам.

Чамани гумшударо аз гили ман бояд ҷуст,
Нафаси беқафаси ошиқи парбаста манам…

*1993*

*     *     *

Дар ҳисори нотавонӣ нотавон шуд нанги ман,
Гирди чашми номуродӣ бишкуфад оҷанги ман.

Лолаҳо дар зери борон зард аз дарди мананд,
Заъфаронӣ гашта аз марги муҳаббат ранги ман.

Занги фарёди маро ҳуши шунидан нест, нест,
Занг баста аз хамӯшиҳо забони нанги ман.

Чун накардам нағмапардозӣ ба сози дигарон,
Аз дами дамкоҳ таркад оҳ дар оҳанги ман.

Боғ кардам аз гули хуршед рӯйи саҳроҳо,
Як чаман умед мемирад ба зери санги ман.

Ҷойи худсозӣ ҳақирон ҳуққабозӣ мекунанд,
Дар гулӯи сахра хуншор аст чанги ҳанги ман.

Мерасад рӯзе ба гӯши нангбардори Ватан,
Аз сукути хотири хоро садои занги ман.

*1993*

* * *

Гули рухсор будам, нозкаши хор шудам,
Ҳусни гулзор будам, зеби сари дор шудам.

Душмани қолабу завлонаву девор будам,
Бандаи қолабу завлонаву девор шудам.

Хостам бори ғам аз дӯши ҳақирон фиканам,
Кӯҳи ғам гаштаму бар шонаи худ бор шудам.

Хонаи бахти маро рашку ҳасад оташ зад,
Дар лаби ғусса таби бӯсаи бемор шудам.

Ворисӣ бори качи маркаби ҷаҳли дигарон,
Зи гуноҳи ҳама бигзашта гунаҳгор шудам.

Сарфарозии ман аз ишқи Ватан ботил шуд,
Сари худ аз қадами сифла харидор шудам.

Кӣ маро гуфт, ки аз зулмати шаб навҳа кунам,
Ҳама хобанду ман аз оҳи кӣ бедор шудам?!

*1993*

*     *     *

Хор дар дил, пой дар гил мондаам,
Аз фиреби умр ғофил мондаам.

Бод будастӣ ҳама фазлу фанам,
Файласуфи мактаби дил мондаам.

З-он ки дар қоби таманно зистам,
Дар ниқоби хоб коҳил мондаам.

Мурдабони ишқи гулбези баҳор
Бо хазони сарду қотил мондаам.

Марги ҷоҳилро худо осон кунад,
То бидонад аз чи фозил мондаам.

Зиндагӣ гирёни ман бигзашту рафт,
Бо сароби ҳарза моил мондаам.

Бе Сафиниё сафина нур бурд,
Бо сияҳзодон ба соҳил мондаам.

Мурдаи рӯҳи маро тобут нест,
Дар диёри хеш соил мондаам.

Бандаи озодии зиндони худ,
Бо ҳама дунё муқобил мондаам!

*1993*

* * *

Ба ҳарамгоҳи малак ҳурнамо менигарам,
Ба назаргоҳи фалак аз кафи по менигарам.

Фараҳам ашки ҳаросонӣ ба соғар дорад,
Ба ҳама зиштраво чун ба ҷазо менигарам.

Зодаи фитрати ман бар дари нусрат нарасид,
Ба раҳи тайкадаи хеш хато менигарам.

Ба ҳама ғамхушиву худкушии ёвари хеш,
Ҳамчу бар фалсафаи фасли ҷазо менигарам.

Аз бари хок ба афлок назар беасар аст,
Аз сари хок ба даргоҳи само менигарам.

Аз аламхонаи вайронаву ворунаи ишқ,
Рост бар мардумаки коҷи қазо менигарам…

*1993*

*   *   *

Санг будам, садо шудам, нанг будам, ҷазо шудам,
Сур будам, азо шудам, гиря макун барои ман.

Ёвари хасмзоди худ, довари ёду доди худ,
Фоҷиаи муроди худ, ҷоизаву ҷазои ман.

Шоҳини паршикастаам, бо пару боли бастаам,
Пиру ҳақиру хастаам, пир шуда садои ман.

Бе ту набудаму будам, бо ту намудаму шудам,
«Шарти адаб чунин бувад,
Шамси ману худои ман!..»[1]

Аз ҳамагон гусастаам, аз худи худ нарастаам,
Дар гили худ нишастаам, фарш бувад фазои ман.

Бодии бодаи худам, захми кушодаи худам,
Куштаи зодаи худам, навҳа бикун азои ман.

Об, сароби зистан, хоб, шитоби зистан,
Ноб, шароби зистан, ҷуръа бидеҳ барои ман.

Раъд хитоби зиндагист, барқ шаҳоби зиндагист,
Марг ҷавоби зиндагист, қарзи ману қазои ман!

*1993*

---

[1] Мавлоно.

*   *   *

Зиндагиро дар қиёси суру мотам дидаам,
Бандагиро дар ситези ҷаҳли одам дидаам.

Меҳрбонони маро чашми муҳаббат кӯр буд,
Ҳар чӣ дидам, бо чароғи дидаи нам дидаам.

Сар ба дӯши кӯҳсорон гиря кардам аз алам,
Пастро ҳар гаҳ сарафрози ду олам дидаам.

Шодии гирёну дарди безабон ҳар ду як аст,
Гар сафири хуррамиро қосиди ғам дидаам.

Шабпарастонро нигоҳи субҳ айни тирагист,
Хас набинам хасми худро, ман, ки оламдидаам.

Аз ҳақиқат ханҷаре гар сохтам, худ куштаам,
Аз забони ростгӯйи худ сари хам дидаам.

Зинда андар чашми хашми ҷоҳилон гӯрам кунед,
Захри ваҳшатро зи баски ҷойи марҳам дидаам.

Зинда хоҳад гашт қавми ман чу Исои Масеҳ,
Нури эҳёи варо дар ашки Марям дидаам…

*1992*

*   *   *

Рафтаам аз ёдҳо бегонаи бегонагӣ,
Бастаам бар рӯйи муштоқон дари ҷононагӣ.

Ҳасрати парвоз дорам, қудрати парвоз на,
Мекашам бори пару болам чу мурғи хонагӣ.

Осмондил зӯри оқилро ба ҷоҳил додааст,
Чораи бечорагии зан бувад мардонагӣ.

Оқилон ҳусни фараҳ андар хамӯшӣ ёфтанд,
Амни ман ашки пушаймонист аз мастонагӣ.

Душмани марду сазоворе худо бар ман надод,
Душмани худ гаштаам аз иллати фарзонагӣ.

Ҳар киро санге ба чанг уфтад маро гирад нишон,
Зинда бодо пайкари обод дар вайронагӣ!

Ишқ илҳоми илоҳӣ буду хораш кардаам,
Дар талоши маснади девону дар девонагӣ...

*1992*

* * *

Барои зарду хазон шеъри ёд мегӯям,
Барои сабзу ҷавон байти шод мегӯям.

Қасидаҳои азалро ба рӯдбори маст,
Таронаҳои адамро ба бод мегӯям.

Барои ҳамнафасон бо қафас ҳамесозам,
Барои хору хасон ку мурод мегӯям.

Даме ки навҳаи захмин кунад гулӯгирам
Ба ишқи мурдаи худ зиндабод мегӯям.

Дар остони гумон осмон муборак нест,
Ба осиёни замин ранҷи зод мегӯям.

Зи дарди ҷамъияти холӣ аз маъонии зист,
Ба гӯши оқилу девона дод мегӯям…

*1992*

*   *   *

Дар хонаи мо ҷуз ғами ту хони дигар нест,
Дар суфраи мо ҷуз аламат нони дигар нест.
Дар маҳфили мо содаву беҳуда нагирянд,
Дар навҳаи мо ҳарзаву ҳазёни дигар нест.
Озодии зиндони ту умри ҳамагон аст,
Ҷуз қалъаи номуси ту зиндони дигар нест.
Дар қисмати мо нақши бало санъати Монист,
Дар сурати мо панҷаву дандони дигар нест.
Девори насаб такягаҳи дояи шаб шуд,
Моро, ба худо, пиру нигаҳбони дигар нест.
Девона зи девони хато панд нагирад,
Девонаи мо дев зи девони дигар нест.
Бӯҳтонзадаро аз дили дӯзах гузаре ҳаст,
Бахшандаи мо дӯзахии они дигар нест.
Аз кулмаки гандида ба дарё нарасидем,
Сармасти саробем, Зарафшони дигар нест.
Мавлои тариқат, ки ҳақиқат напазирад,
Сарпаст бимирем, Бадахшони дигар нест.
Андар дили мо дарди ду дунё шуда бандӣ,
Таҳминаи мо модари Эрони дигар нест.
Рустам зи фари сафдарӣ танҳои ҷаҳон аст,
Сӯҳроби вафо афсари султони дигар нест.
Шармандаи ошиқ будану хори шаҳу ом,
Расвои вафои Ватанем, шони дигар нест!
Олам ҳама ҷамъ аст ба рағми сари танҳо,
Чун миллати мо ҷамъи парешони дигар нест!

*1991*

*   *   *

Дар миёни ҳотаи гул хорҳо гул кардаанд,
Дар дили ғамбоғи ман озорҳо гул кардаанд.

Дар ҷаҳони бекарон холист гар оғӯши ман,
Дар канори ёри ман гулнорҳо гул кардаанд.

Ори ман рӯзе сари беэътиборамро хӯрад,
Дар замини ори ман беорҳо гул кардаанд.

Гуфта будам сӯхтори ҷаҳли одамро кушам,
Аз шарори сурхи ҷонам норҳо гул кардаанд.

Аз забони ростгӯйи худ надорам бими сар,
Бас зи хуни ин ҳакам пайкорҳо гул кардаанд.

Байти нотакрори ман такрори дарди зиндагист,
То ман андар хоки ғам рухсорҳо гул кардаанд…

*1982*

*   *   *

Хаёлат шоми ҳиҷронро зиё бахшад,
Вафоро шеваи сидқу сафо бахшад.

Ту мегӯӣ, ки бе ман шоми ту рӯз аст?
Туро дар ҷойи ман боди сабо бахшад!

Ту мегӯӣ, зимистони ту наврӯз аст?
Туро девори сармо бесадо бахшад!

Ту мегӯӣ, ҳавои бахти ту соф аст,
Туро раъди дили абри сиё бахшад.

Ту мегӯӣ, ки бе ман душмани дардӣ,
Дурӯғатро дили дардошно бахшад!

Ту мегӯӣ, ки бе ман сахт хушбахтӣ?
Вафодорат чаро марги вафо бахшад?

Намебахшам туро, ҳаргиз намебахшам,
Дурӯғатро, агар бахшад, худо бахшад!

*1982*

*   *   *

Агар дидори ман хоҳӣ, биё бар хонаи дарё,
Шунав афсонаи афсунтар аз афсонаи дарё.

Сафои рӯҳро ойини покон зинда медоранд,
Зиҳӣ, ойинаи поки дили ойинаи дарё!

Манам дурри ятиму дар садаф дигар намегунҷам,
Маро, эй дури ман, дарёб чун дурдонаи дарё.

Зи бедардон намехоҳам давои дарди бедардӣ,
Зи ҳушёрон гурезонам, мани мастонаи дарё.

Ғами дунё бигунҷад андаруни қатраи ашке,
Шунидам ин ҳақиқатро зи мактабхонаи дарё.

Чу мавҷи шӯху озодам, сафозодам, Сафизодам,
Бувад пиндори ман асрори як паймонаи дарё.

Ману дарёву бедардӣ, бирав андӯҳу дилсардӣ,
Ба дарду ғам намесозад дили девонаи дарё.

Ҷавонӣ гул ба домон рафт, айёми гулафшон рафт,
Ғазалро мефишонам ҷойи гул бар шонаи дарё!

*1992*

Дар Шероз, дар оромгоҳи Ҳофиз, чун ҷабини шукрона бар мармари оромгоҳи шоир ниҳодам, маро турфа ҳолате рух намуд.Санги сард дил шуд,ҷонам,дилам,чашмам, рухсорам, кафи дастонам.., пур аз дил шуд… Дар ин дилзор, ҳар дил арғушти тапидан оғоз кард.

Шоҳидони ҳолати ҳолро гуфтам:

– Дилам дил мезанад, ҷонам дил мезанад, чашмам дил мезанад, санг дил мезанад…

– Аз шодии дидор аст ин пиндор, – посух доданд эшон.

Ҳамоно дилам дил мезад, дил мезад, дил мезад.., диле аз дилам бузургтар. Соҳиби чандин дил ба осорхонаи шоир ворид гаштам ва аз Девони шоири лисон-ул-ғайб ҳолати ҳоламро фол гирифтам. Ҳофизи бузург достони васлу ҳиҷрони чандсадсолаи моро бо ғазали ҷовидонаи хеш хамоно аёну баён сохт. Ин аст он саҳли маҳоли ҳолати ҳол:

Чу офтоби май аз машриқи пиёла барояд,
Зи боғи орази соқӣ ҳазор лола барояд.
Насим дар сари гул бишканад кулолаи сунбул,
Чу аз миёни чаман бӯйи он кулола барояд.
Шикояти шаби ҳиҷрон на он ҳикояти ҳолест,
Ки шаммае зи баёнаш ба сад рисола барояд.
Зи гарди хони нагуни фалак тамаъ натвон дошт,
Ки бемалолати сад ғусса як навола барояд.
Ба сайъи худ натавон бурд пай ба гавҳари мақсуд,
Хаёл бошад, к-ин кор бе ҳавола барояд.

Гарат чу Нӯҳи набӣ сабр ҳаст дар ғами тӯфон,
Бало бигардаду коми ҳазорсола барояд.
Насими зулфи ту чун бигзарад ба турбати Ҳофиз,
Зи хоки колбадаш сад ҳазор нола барояд…

Фолгушои ҳолнамои шерозӣ дар ҷавоби ҳайратам ҳакимона посух дод:

– Хоҷа зиндааст, Хоҷа ин ҷост, Хоҷа бо мост! Ҳамчунон муштоқи дидор аст, ки фармуда:

Насими зулфи ту чун бигзарад ба турбати Ҳофиз,
Зи хоки колбадаш сад ҳазор нола барояд ...

Ғазали «Дар сари турбати Ҳофиз» кушиши баёни он ҳолати қудсӣ аст, ки аз шарҳи эъҷозаш оҷизам.

Дар сари турбати Ҳофиз чу дилам дил мезад,
Ишқ дар зилзилаи обу гилам дил мезад.
Назарам аз асари бесамарам ғофил буд,
Ҳосилам дар шарари хуни дилам дил мезад.
Қисса мекард зи сӯзи яху озар мармар,
Нур аз шеваи тории алам дил мезад.
Маргро рақси аҳуроии ҳастӣ мекушт,
Зиндагӣ ҳар дами дам, дар дами дам дил мезад.
Хотирам хотири гулгашти Мусалло меҷуст,
Сила дар силсилаи вақти ҳакам дил мезад.
Хоҷа дар хона буду хони сухан густурда,
Шеър дар шаҳраги эъҷози қалам дил мезад...

*1990*

*   *   *

Хобӣ агар бедор шав, ман омадам, ман омадам,
Мастӣ агар ҳушёр шав, ман омадам, ман омадам.

Аз базми ғамҳо рӯ зада, аз ҷамъи танҳо рӯ зада,
Танҳои худро ёр шав, ман омадам, ман омадам.

Аз мурдагон эҳё шудам, аз зиндагон ово шудам,
Гулкор шав, гулбор шав, ман омадам, ман омадам.

Аз сад ниҳон пайдо шудам,бо сад забон гӯё шудам,
Ойинаи дидор шав, ман омадам, ман омадам.

Аз пир барно омадам, аз зишт зебо омадам,
Барқи шараросор шав, ман омадам, ман омадам.

Дигар маро сарсон маҷӯ, аз барфу аз борон маҷӯ,
Саттор на, ситор шав, ман омадам, ман омадам.

То ҳафт гардун пар кушо, бар рӯйи зулмат фар кушо,
Ман нураму ту нор шав, ман омадам, ман омадам.

Дар ошиқӣ, эй ҷонбаҷон,бо як аёни садбаён,
Як бор Гулрухсор шав, ман омадам, ман омадам!

*1998*

*   *   *

Лаҳза қарнеро зи диде дида рафт,
Шӯъла дар исёни худ печида рафт.

Барф аз сардии худ тафсида мурд,
Тарма аз бори гарон ҳечида рафт.

Ошиқе боғи таманно сабз кард,
Ҳосиде аз рашк балво чида рафт.

Раъди гирён дар забони хеш монд,
Барқи хандон ҳурсон хандида рафт...

*1998*

*  *  *

*Баҳор мерасад аз интизори бемаргӣ,*
*Сапеда медамад аз нури нори бемаргӣ.*

Навишта дар вараќи хинги раъд шоири барқ,
Ба килки сурхи шафақҳо шиори бемаргӣ.

Ҳазор номаи рӯъё ба панҷаи бод аст
Ба номи машъаладори баҳори бемарӣ.

Таронасабз ба ҳар барги сурх гап дорам
Ба лаҳни пуртараби гирядори бемаргӣ.

Зи чашми коҷи ҳасудон паноҳ мехоҳам
Ба чашми ғунчаи гул,дар канори бемаргӣ.

Самоъи чашмаву рӯд аст сӯри мансурӣ,
Таронаи тараби гирядори бемаргӣ.

Ману ҳузни сурури нағмаи маҳзун,
Туву ҳусни зуҳури пардадори бемаргӣ.

Дило, ҳавои сафар гир бо дафу сантур,
Ба сӯйи дилшудагони диёри бемаргӣ.

Баҳори ваъда расид, умри рафтаё, баргард,
Зи роҳи касмараси интизори бемаргӣ…

*1998*

* * *

Фазл безабон омад, ҷаҳл комрон омад,
Нотавон тавоно шуд, гурд нотавон омад.

Аз ҳақорати нодон, аз асорати хоқон,
Зиндагонӣ зиндон шуд, бандагӣ гарон омад.

Чашми осмон тар шуд, боғи ошиқон пар шуд,
Бар ҷанозаи булбул зоғ парфишон омад.

Дар қаламрави кайҳон ҳар киро бувад даврон,
Даври оқилон бигзашт, даври ҷоҳилон омад…

*1998*

*   *   *

Нури илоҳ медамад аз нигаҳи ситораҳо,
Шоми сиёҳ мерамад аз нигаҳи ситораҳо.

Паст маҷӯ баландро, заҳр магӯй қандро,
Тубии ишқ сабз кун рӯйи раҳи ситораҳо.

Накҳати ёсу ёсаман ҳарфи сафост бесухан,
Аз шарари ситораҳо, аз фараҳи ситораҳо.

Зишт мабин ту зебро, тор мабин нишебро,
Нусхаи асли ҷаннат аст ҷилвагаҳи ситораҳо.

Ахтари чашми нозанин оинаест бар замин,
Ахгари хокро нигар зери чаҳи ситораҳо.

Ман ки зи дуди дидаҳо сӯзи шарора чидаам,
Аз пайи нур меравам сӯйи шаҳи ситораҳо…

*1997*

*   *   *

Сабзнозу сабзрозу сабзэъҷозам, куҷоӣ?
Сабзаи поизи анҷомам, сароғозам, куҷоӣ?

Ҷон надорад хуни будан дар раги шарёни ҷонам,
Набзи гирёни сурури пардаи созам, куҷоӣ?

Ҳузни ман донандаат нест,
                хусни ман бинандаат кист,
Зеби ман, безеби ман, ағёру анбозам, куҷоӣ?!

Нуқтаи асрор андар нуктаи урён ниҳон аст,
Нукта андар нуқтаи печидаи розам, куҷоӣ?

Бо кӣ гирям, бо кӣ хандам, бо кӣ нолам,
                бо кӣ болам?
Дар канори ҳуққабозон муҳраи озам, куҷоӣ?

Аз куҷоям, то куҷоям, то суол андар суолам,
Қуфлу мифтоҳи дари пӯшидаи бозам, куҷоӣ?

То хумори осмони шонаатро мекашад сар,
Сар ба пойи дил супорам, боли парвозам, куҷоӣ?!

*1996*

* * *

Гарди зулмат хирабинам кардааст,
Ғам фиғон дар остинам кардааст.

Бо бадон будан ба тӯфон будан аст,
Дарси доноӣ ҳазинам кардааст,

Рехт борони ҷаҳон аз чашми ман,
Хушксолӣ хӯшачинам кардааст.

Хеши оқил аз Ватан нолида рафт,
Хасми ҷоҳил хонашинам кардааст.

Дидаи нурофаринам кӯр шуд,
Нур бо зулмат қаринам кардааст.

Ташнагон нӯшанд оби оташин,
Ташнаҷонӣ оташинам кардааст.

Сангро бишкаст зарби шишаам,
Ишқи ҳастӣ инчунинам кардааст…

*1996*

* * *

Шарме накард наврӯз аз куштаҳои меҳан,
Омад ҷавонаафшон бар пуштаҳои меҳан.

Шарми баҳор н-омад, аз рақси гулфишонаш,
Рӯзи фанои меҳан, рӯзи азои меҳан.

То рӯҳ бегазанд аст, шеди шумо баланд аст,
Дар хуни равшаноӣ оғуштаҳои меҳан!

Аз ман алам напурсед, захми ситам напурсед,
Пайғоми ман фиғон аст бар куштаҳои меҳан.

Аз марги бомдодон, аз шарми сифлазодон,
Таркида дар гулӯям акси садои меҳан.

Ман он шикастаболам, к-аз ҳасрати маҳолам,
Дар остин бигирям тӯфон барои меҳан.

Дасти қазо ба дастам, ҳастам, ҳанӯз ҳастам,
То оқибат бимирам дар лаб санои меҳан…

*1995*

* * *

Дар ин диёр шеваи ваҳдат намондааст,
Дар чашми ёр нози муҳаббат намондааст.

Мо аз худои хеш на ин рӯз хостем,
Дар ашки ток покии исмат намондааст.

Оне ки навъи хосаи гул буд, хор шуд,
Дар боғбони ишқ башорат намондааст.

Қавме зи барқ дар кафи урён чароғ дошт,
Нори сафои нур бе зулмат намондааст.

Як мард аз хиёнати хоин нарастааст,
Як фард бе нишони ҷароҳат намондааст.

Фахри наҷоти меҳану миллат фасона аст,
Гарде зи хоки меҳану миллат намондааст!

*1995*

*   *   *

Аз барги зард бар гули рухсори ман дуруд,
Аз боди сард бар гили гулзори ман дуруд.

Аз хандае, ки гиряи ночори фозил аст,
Бар чораи ҳаёкаши ночори ман дуруд.

Чашмам ситора гиряду ашкам кунад фиғон,
Бар обшор аз дили хуншори ман дуруд.

Аз роҳи ҳузн омада беёд сӯйи ёд,
Аз бефараҳ ба шодии нофори ман дуруд.

Аҳли назар зи шаҳди ҳунар заҳр мечашад,
Аз беҳунар ба хирману хирвори ман дуруд.

Олам сарои ишрати як мушт аблаҳ аст,
Аз дев бар фариштаи ғамдори ман дуруд!..

*1995*

* * *

Ватан, фарҳангу осорат куҷо шуд?
Фару фарруху фархорат куҷо шуд?

Ба кайҳони саноят ахтаре нест,
Шабафрӯзи шаби торат куҷо шуд?

Зи по афтодаву бемуттакоӣ,
Вафодори сазоворат куҷо шуд?

Зи ранҷу заҳматат ганҷи ту хорист,
Зару ганҷуру хирворат куҷо шуд?

Зимистон иззати рафтан надорад,
Баҳори ҷаннатосорат куҷо шуд?

Ҳаросам аз садои боли булбул,
Ватан, рӯҳи мададгорат куҷо шуд?!

*1994*

* * *

Зиндагиям мадор мехоҳад,
Мурдагиям мазор мехоҳад.

Меҳани ифтихор бемор аст,
Меҳри ман иқтидор мехоҳад.

Ҳар чӣ будам нисори дигар шуд,
Ҳар чӣ дорам, шумор мехоҳад.

Додарам бар сарам кашад ханҷар,
Доварам банди дор мехоҳад.

Ошиқонро ба сад алам куштанд,
Ишқи ман корзор мехоҳад.

Дар учоқи дилам шароре нест,
Нори сардам шарор мехоҳад.

Чашми рӯҳам ғубор мегиряд,
Ҷони ҷонам қарор мехоҳад...

*1994*

*  *  *

Зи чашми сард озар хостгорам,
Зи дуди дард ахгар хостгорам.

Зи тобу тоқати таҳқир ғампир,
Зи санги сабр зевар хостгорам.

Маро ҳаҷри Ватан беболу пар кард,
Зи васлаш шодиву фар хостгорам.

Дилам аз шевани мотам гирифта,
Зи базми шод соғар хостгорам.

Сукути тоатам бемуддао нест,
Суқути хасми кишвар хостгорам.

Баҳори ишқ тармарги хазон аст,
Зи озармоҳ озар хостгорам.

Мазоҳи зиндагӣ буд зиндагиям,
Зи умрам умри дигар хостгорам…

*1994*

*   *   *

Раҳ мекашам ба вартаи шабҳои тори худ,
Шабкӯру шабнасибаву шабзиндадори худ.

Аз макру ҳуққабозии пирони рӯсиёҳ,
Аз офати садоқати ишқи диёри худ.

Аз ваҳшати қиёмати дузди кафангадо,
Аз даҳшати асорати хешу табори худ.

Чун рӯд дар хумори сафо ҳарза мекунам,
Чун уд навҳа мекунам аз рӯзгори худ.

Ҳузни фироқ дорадо фарёди турнаам,
Аз тирамоҳ то дайи бенавбаҳори худ.

Раҳ мекашам ба вартаи шабҳои тори худ,
Дар дида дуди оташи хуршедёри худ.

Дар торупӯди бори худ монанди анкабут,
Хоҳам кашид хешро охир ба дори худ.

*1994*

*  *  *

Ҳосидонам ҳуққабозӣ мекунанд,
Пеши маҳмудон аёзӣ мекунанд.

Бо сари сабзи мани доимбаҳор
Бозии поизи мозӣ мекунанд.

Дӯстони ҷониям бо сад забон
Душмаанӣ, душманнавозӣ мекунанд.

Кӯрбинони тулӯъи офтоб
Рӯсиёҳӣ, шабнавозӣ мекунанд.

Аз шикасти қомати волои ишқ
Сарнишебон сарфарозӣ мекунанд.

Ҳосидонам ҳуққабозӣ мекунанд,
Кинаро аз хеш розӣ мекунанд,

Боз аз қурбоқаи мурдобҳо
Ҷаҳди Гулрухсорсозӣ мекунанд…

*1993*

* * *

Зи санги роҳ маъдан мефурӯшам,
Зи занги оҳ оҳан мефурӯшам.

Зи нури шабнами шабзоди поиз
Булӯри ашки баҳман мефурӯшам.

Даме ки доғи борон аст садбарг,
Ман аз як ғунча гулхан мефурӯшам.

Чу аз ишқи Ватан бехонумонам,
Ғами арзони меҳан мефурӯшам.

Мани нашкаста аз санги хиёнат,
Зи барги шиша ҳован мефурӯшам.

Зи анбозони хоин қарздорам
Кӣ душман мехарад? Ман мефурӯшам!

*1993*

* * *

Хуршед фари сиё гирифта,
Дар марги зиё азо гирифта,

Аз хуни ҷавони куштаи пир
Зангор дили сафо гирифта.

Гулшан зи ғубор пардадор аст,
Гӯё нафаси сабо гирифта.

Ойинаи ростӣ шикаста,
Ойини каҷӣ фазо гирифта.

Исёни фариштаҳост тӯфон,
Аз хок дили само гирифта…

Аз сад аламам яке нагуфта,
Дар банди гулӯ садо гирифта…

*1993*

*       *       *

Кам дар ками кам намуданат бераҳмист,
Ғам бар ғами ғам фузуданат бераҳмист,

Гирёнда яке ба базми шодии дигар,
Бо ҷоми тараб намуданат бераҳмист.

Ҷон аз тану ҳуш аз сару дил аз сина
Бо ними нигаҳ рабуданат бераҳмист.

Бар он, ки дусад бор бикуштиву намурд,
Ҷабри дигаре фузуданат бераҳмист.

Дар дафтари пуршикояти қисмати ман
Боби дигаре кушуданат бераҳмист.

Дар вартаи маргофари танҳоии даҳр
Ҳамқисмати ман набуданат бераҳмист.

Олам ҳама як тараф ту дар як тарафӣ,
Ҷойи ҳамаро рабуданат бераҳмист!..

*1985*

*  *  *

Дар ин вайрона деви ҷаҳл зулфамро занад шона,
Ба дандон барканам аз пойи ланги нанг завлона.

Чунон аз сангборони ҳақирон тирполоям,
Ки на ҷон дораму на сарвати ҷодуи ҷонона.

Зи ман бадномтар имрӯз хушноме намеёбед,
Силоҳи фарзи фарзинҳо бувад бӯҳтони фарзона.

Зи мероси падар беруни дар ганҷи фаровон монд,
Ба доно санги бадномӣ, ба коно лаъли шоҳона.

Ҳавои хонаи худро чӣ гуна пок бояд дошт,
Даме ки мепазанд аз сидқи ман оши ҳарифона?

Касе ранҷи хумори мастии фозил намедонад,
Бувад оқилтарин ҳушёри ин майхона девона.

Зи ҳиҷрони Ватан бар дида нам, дар дил алам дорам,
«Ба гунҷишкон расида арзану калтак ба бедона!»

Бишуд аз ғорати ганҷи Ватан шоҳу гадо доро,
Ғаму дарди Ватан бар ман расиду кунҷи ғамхона…

*1993*

* * *

Яке муслим, яке кофар парастад,
Яке Ғарбу дигар Ховар парастад,

Дигар дар рӯзгори бефари хеш,
Ба ҷойи ишқ симу зар парастад.

Яке аз хеш безор аст, безор,
Дигар бегонаро ёвар парастад.

Яке бо барфборон ҳаммизоҷ аст,
Дигар худсӯзии озар парастад.

Яке бо раҳнамо афтода дар чоҳ,
Зи ҳушёрӣ дигар соғар парастад,

Якеро сар чу санги осёб аст,
Дигар аз бесарӣ сарвар парастад...

Яке марде назодӣ моми тоҷик,
Ки дар рӯзи сияҳ модар парастад!..

*1993*

*   *   *

Наҳр дар ашки дамон омадааст,
Баҳр дар қатра аён омадааст,

Нур андар гуҳари дида ниҳон,
Кӯр бо шамъи каён омадааст.

Хандаву гиряи мо ҳар ду як аст,
Захр бар заҳра гарон омадааст.

Марг ҷоизаи аҳли ҳунар аст,
Навбати беҳунарон омадааст.

Аввали ҷаҳли ҷаҳон аст гувоҳ,
Охири фазли ҷаҳон омада аст!..

*1993*

* * *

Ҳангоми дамидани даман охир шуд,
Ҳангомаи базми настаран охир шуд,

Бо гиряи заъфаронии барги хазон
Арғушти сафеди ёсаман охир шуд.

Бо хандаи борандаи атри гули ёс
Атри нафаси сабзи чаман охир шуд.

Занбилаи дӯши орувон аст тиҳӣ,
Базми ҷараси кӯҳу даман охир шуд.

Гул дидану гул чидану гул бӯйидан
Дар ҳарфи нигоҳи бесухан охир шуд.

Аз гулшани пажмурда парӣ гирён рафт,
Афсонаи сурхи ишқи зан охир шуд…

*1993*

*  *  *

Аз дағдағаи замон сухан гум кардам,
Аз васвасаи дадон шаман гум кардам,

Масти майи зебу зиннати худхоҳӣ,
Афсонаву афсунии зан гум кардам.

Аз ҳарзаи дарюзаи умри гузарон,
Ҳушёр шудам, сеҳри сухан гум кардам.

Дар лаҳзаи кутоҳтар аз оҳи насим,
Садсол шукӯҳи анҷуман гум кардам.

Аз барда вафо хоста аз зарда сафо,
Дар ҷонкании нафс кафан гум кардам.

Аз чоҳ бурун нарафтанам нест аҷаб,
Дар вартаи ҳосидон расан гум кардам,

Гумкардаи ҳар кас аст аз ҳиммати ӯ,
Ман хештан аз ишқи Ватан гум кардам!

*1993*

* * *

Бар ғамзада уд мефиристам,
Аз гиря суруд мефиристам.

Аз ҳузни фариштаҳои танҳо
Бар хеш дуруд мефиристам.

Аз пастии марди орзуям
Бар қулла суҷуд мефиристам.

Аз кокули сабзи обшорон
Бар ташна дуруд мефиристам.

Аз он ки зи шодиям ҳазин аст,
Дардам ба ҳасуд мефиристам.

Бо дастаи гул ба турбати сард
Эҳсоси вуҷуд мефиристам...

*1993*

*   *   *

Базми мастӣ масти озам мекушад,
Разми ҳастӣ бениёзам мекушад,

Сарвати рӯзи сиёҳам, соҳирӣ
Гушнаи нону пиёзам мекушад.

Хасми бадхӯро худо бахшад, маро
Хеш,хеши сифласозам мекушад.

Ғуссапарвар нестам, гулпарварам,
Ҳусни берангии нозам мекушад.

Нози ман бар зиндагӣ мушти ман аст,
Нотавоне ҳусни нозам мекушад.

Огаҳам аз ваҳшати маҳмудҳо,
Хашму пиндори аёзам мекушад.

Сози ман бо нағмае ҳамҷӯр нест,
Ғамзаи навҷӯрсозам мекушад.

Сар ба гардуни таманно судаам,
Беқиёсӣ сарфарозам мекушад!..

*1993*

*   *   *

Аз дили шаб ситора меҷӯям,
Аз гили таб шарора меҷӯям.

Нармии пахта сахтозор аст,
Болин аз санги хора меҷӯям.

Додхоҳи хиёнати худхоҳ,
Додгоҳ аз канора меҷӯям.

Шармсори надомати бадхоҳ,
Дар бари гул идора меҷӯям.

Бар сарам чархи ҳарза гардон аст,
Аз гули ёс чора меҷӯям.

Аз хароботи Ямчуну Ҳулбук,[1]
Хешро пора-пора меҷӯям…

*1993*

[1] Харобаҳои таърихӣ дар Хатлону Бадахшон.

*    *    *

Дӯстро бениқоб мехоҳам,
Бахтро бесароб мехоҳам.

Хандаҳо талх, гиряҳо шӯранд,
Аз гули ғам гулоб мехоҳам.

Бо сиёҳон чунон сияҳрӯзам,
Ки шабон офтоб мехоҳам.

Оҳи дамкоҳ сарду кутоҳ аст,
Роҳро умри об мехоҳам.

Зиндагиям азобу ваҳшат буд,
Маргро беазоб мехоҳам.

Инқилоби гунаҳ ҷаҳонгир аст,
Инқилоби савоб мехоҳам…

*1993*

* * *

Зи дори дар заминам шарм медорам,
Зи мори остинам шарм медорам.

Маро бо гиряҳои худ нахандонед,
Ки аз марги каминам шарм медорам.

Маро бо хандаҳои худ магирёнед,
Зи чашмони ҳазинам шарм медорам.

Маро бо барфи чашми худ масӯзонед,
Зи рӯҳи оташинам шарм медорам.

Ҳавои нафси худро ишқ машморед,
Ки аз ишқи ғаминам шарм медорам.

Маро бо ғози ғӯза сар мазан бешарм,
Зи ҷони оҳанинам шарм медорам!..

*1993*

*   *   *

Ҳеҷ кас намеояд аз диёри хомӯшон,
Сабзае нахоҳад руст аз гили фаромӯшон,

Дӯст хасми ҷони дӯст, хасм ҳамзабони дӯст,
Ғунчаҳои ғарқи хун баргу бори боғистон.

Фазл тирполо шуд, ҷаҳл маҳфилоро шуд,
Дасти сифла боло шуд бар сари забардастон.

Базми ишқ мотам гашт, чашми меҳр пурнам гашт,
Гардани фараҳ хам гашт аз шикасти пайвастон.

Дард суфра бикшояд, марг маҳфил орояд,
Ҳеҷ кас намеояд аз диёри хомӯшон.

Барқ шӯъла мебофад, раъд ларза мелофад,
Бод ҳарза мебофад, аз разолати инсон...

*1993*

*   *   *

Чашмам ба дару чашми ҳаросам ба дар аст,
Пайғому паёми ҷаҳл теғу табар аст.

Воруна раҳо шудем аз вартаи марг,
Хунобаи борида атои қадар аст.

Бо сояи худ ҳарф нагӯем зи нанг,
Олам пури девонаву оқи падар аст.

Бадзод тарозуназари дод мабод,
К-андар нигаҳаш соф сияҳ, хушк тар аст.

Ҳар пуштаи пушт кардаи турбати сард
Оташкадаи нору мазори шарар аст.

Дардо, қадаҳи булӯрии қисмати мо
Дар дасти вакили оҷизу беҳунар аст.

Бар кӯрдилон хуни ҷигар мебахшем,
Бар ҳушкарон навҳаи мо беасар аст.

Ин пуштаи пушт карда бас турбати сард
Оташкадаи нору мазори шарар аст.

Хокистари Рум, ки ҷаҳли Неронаш[1] сӯхт,
Гарм аст ҳанӯз, зиндадори хатар аст.

Зинҳор ба қадри умри инсон нарасем,
То марги яке барои дигар зафар аст.

*1993*

[1] Нерон, қайсари(император)Рум, ки барои дар таърих мондани номащ шаҳри Румро оташ зад.

*   *   *

Боз Мансур ба зери дор аст,
Боз Маздак сипари хуншор аст,

Боз оҳангари бесангари пир,
З-алами хеш аламбардор аст.

Боз озода ба озода асир,
Боз тори ҳама машъалдор аст.

Боз дар байни дилу дидаву меҳр
Кина девор, ғазаб анҳор аст.

Боз дар синаи гаҳвораи дард
Тифли нози фараҳам нофор аст.

Дар ҳисобу ҳасади ҷаҳли сиёҳ
Боз пири хирадам ночор аст.

Хок аз мурдаи ман сер нашуд,
Марг аз зиндаи ман безор аст.

Боз бегонаву девонаву дев
Ташнаи хуни гулирухсор аст.

Сари ман чун суханам бесоҳиб,
Дили ман чун Ватанам бемор аст…

*1993*

* * *

Нафаси беҳавасӣ зузаи пархоки ғам аст,
Ҳаваси беқафасӣ маргу наҷоти Аҷам аст.

Падари марг писар дораду ханҷар дорад,
Духтари бесилаҳи зиндадилон субҳдам аст.

Дида пӯшидани фарр аз хатари расвоист,
Чашм бикшодани шарр аз назари доми дам аст.

Барги ҷонро сипари ному нишон хоҳад кард,
Он ки дар сангари ҳақ тиру камонаш қалам аст.

Мо ба хокистари худ донаи каҳ коштаем,
Тоати сифла гунаҳ,тавбаи ҷоҳил ситам аст.

Дар сари турбати худ навҳакунон мерақсем,
Рӯҳи мо ташнаи рӯди рамақу беши кам аст.

Анҷуман аз самари ҳарза фароғат хоҳад,
Бенасиби фараҳ аз хуни разу Ҷоми Ҷам аст...

*1992*

*　*　*

Сози борон таронаи рӯд аст,
Нафаси субҳ дудолуд аст.

Дар таби қулла раъд менолад,
Дар лаби барқ номаи ӯд аст.

Дар гили шаб ситора метаркад,
Дар дили қатра баҳр мавҷуд аст.

Ишқи ғайре гусаст аз хешам,
Асли ҳар буд фасли нобуд аст.

Дер кардам ба базми хушрӯзон,
Бехабар з-он ки дер ҳам зуд аст.

Посухе номаи нигоҳамро,
Эй ки гӯӣ, дуруд падруд аст!..

*1992*

*      *      *

Рози қисмат оздорам мекушад
Рашку кина хорузорам мекушад.

Ишқ, ишқи оташини зиндагӣ,
Ташнаҷони рӯдборам мекушад.

Хори чашму бори хашми ҳосидон,
Шукри иззат рӯзадорам мекушад.

Жолаи заҳри ҳақирон, беамон,
Ҳусни боғи сабзборам мекушад.

Ғунчаи садбарги сармобурдаам,
Ози дай, нози баҳорам мекушад.

Ҳосиде, бефитрате, майхорае,
Бо зуқуми шаҳдборам мекушад.

Аз миёни анҷуман уфтодаам,
Бешууре бо шиорам мекушад…

*1992*

* * *

Бо замона забон нахоҳам ёфт,
Тоби ҳақро тавон нахоҳам ёфт.

Аз баҳори хазони гардовар
Зинати шойгон нахоҳам ёфт.

Тири ҳақ аз камони шарр ҷаста,
Дар замин осмон нахоҳам ёфт.

Шабнами дидаам нами дард аст,
Дардро шодмон нахоҳам ёфт.

Зистан зиндагонии марг аст,
Маргро беамон нахоҳам ёфт.

Давлати ду ҷаҳон мадоро аст,
Ваҳдати як ҷаҳон нахоҳам ёфт.

Амни ман дар забони хомӯшист,
Аз амонат амон нахоҳам ёфт.

*1992*

*   *   *

Худоё, шод кун маҳзуни моро,
Макун хам қомати мавзуни моро.

Хазони турнарав бенавбаҳор аст,
Бадар овар зи дар беруни моро.

Нигаҳбон шав зи пастони назарбоз
Баландии фари гардуни моро.

Балогардони мо моро бало шуд,
Мабар сӯйи бало воруни моро.

Макун пажмурда рӯйи иззати ёр,
Макун дилмурдатар дилхуни моро,

Санои меҳрсози зиндагӣ деҳ
Навои нафрати макнуни моро.

Ҷаҳон пир асту ҷаҳлаш заҳрогин,
Худовандо, ҷавон кун хуни моро!

*1992*

*   *   *

Чу ҳаво аз нафаси ноқили ту мегузарам,
Чу наво аз қафаси манзили ту мегузарам.

Ману дарёи ҳаросу шаби беахтару моҳ,
Зи раҳи бераҳӣ бар соҳили ту мегузарам.

Ҷараси дилшуда хунёгари саҳрои ман аст,
Чанг бар доираи маҳмили ту мегузарам.

Зиндагӣ арзи шитоби нафаси костагист,
Орзуи ҳаваси маҳфили ту мегузарам.

Мазраъи ранҷи маро ашки малах об диҳад,
Самари ҳавсалаи ҳосили ту мегузарам.

Шоири ишқаму аз ишқ худодод наям,
Соҳири беҳунари қоили ту мегузарам.

Дили сармозадаам ташнаи зори шарар аст,
Ҷон ба лаб,нурталаб моили ту мегузарам.

Пеш аз дасти қазо чашми туро мебӯсам,
Пеш аз дори ҷаҳон аз дили ту мегузарам!

*1992*

* * *

Надорад сар саройи лӯлиёна,
Надорад ошно ин ошиёна,

Насозад хуни сабзи шавқ бедор,
Баҳори сарди бесуру тарона.

Фирори хилвати саҳро бихоҳам,
Зи маҳфилҳои ҷаҳли омиёна.

Хумори зистан дар дил бишуд пир,
Дареғи зистан бо ҳар баҳона.

Қирони саъди ин ғамхона дер аст,
Бидуни сабри умри саъдиёна.

Ҳавои ин Ватанро бӯйи хун аст
Наорад қосиди ғам шодиёна,

Дар ин майдон, ки Меҳан меканад ҷон,
Худоё, марги ҳақро бинӣ ё на?!

*1992*

*   *   *

Бечора дилам ҷудо зи ҷон мегиряд,
Аз захми замона бенишон мегиряд.

Сурам ба ҳазору як забон хомӯш аст,
Дардам ба ҳазору як забон мегиряд.

Бар дӯши қалам ниҳода бори ғами худ,
Пири аламам ниҳон, ниҳон мегиряд.

Дар фасли хазони ишқ ёди назарам,
Бар фалсафаи фасли хазон мегиряд.

Мемираду зинда мешавад ҳар дами дам,
Ҷон донаду ман, ки дил чӣ сон мегиряд.

Монанди ману миллати овораи ман
Дар чанги аҷал ними ҷаҳон мегиряд.

Бар ҳоли ману меҳани бечораи ман
Яздони раҳим дар осмон мегиряд…

*1991*

*   *   *

Ин қавм ба худхории мо кор надорад,
Ин сахра ба гулкории мо кор надорад.

Ашки сари мижгони бақоем, балоҷӯй,
Бар ҷабри вафодории мо кор надорад.

Сармозадаи хандаи оташкуши хуршед,
Ин барф ба табдории мо кор надорад.

Аз ториии шаб дидаи хуршед сафед аст,
Зулмат ба шарарбории мо кор надорад.

Оне ки ба доне нахарад гавҳари покӣ,
Бар зевари нодории мо кор надорад.

Ҷоҳил ба сабукбории мо каф занаду даф,
Оқил ба сабуксории мо кор надорад.

Дар боми ду се хаста чароғем сияҳсӯз,
Ин хуфта ба бедории мо кор надорад.

Масти майи порина ба фардо биситезад,
Ин маст ба ҳушёрии мо кор надорад…

*1991*

*   *   *

Эй гул, гули бебаҳор, хуш бош,
Таҳсӯзи нафири нор, хуш бош,

Дар чангали хешу чанги бадкеш,
Шерафкани бемадор, хуш бош.

Аз сабри ту бофта расанҳо,
Хушкардаи банду дор, хуш бош.

Устоди мадориси мадоро,
Шогирди ҳақиру хор, хуш бош.

Эй зиндаи зиндагӣ надида,
Гурдофари бемадор, хуш бош.

Як бор ба ҳоли худ назар кун,
Бо дидаи беғубор, хуш бош.

Помир назири пайкари туст,
Шоҳаншаҳи худсавор, хуш бош.

Аз дарди ту хандаҳо гириста,
Эй миллати дилфигор, хуш бош!..

*1991*

*   *   *

Безабонро забона мехоҳам,
Бенишонро нишона мехоҳам,

Аз дурӯғе фурӯғи рахшанда,
Аз ҳақиқат фасона мехоҳам.

Ғуссаам бӯсаи мағелон аст,
Дардро шодиёна мехоҳам.

Аз даме зиндагонии ҷовид,
Аз ғаме хуштарона мехоҳам.

Қотилам рашку ҳосилам ашк аст,
Аз ду дарё карона мехоҳам.

Қудрати зан маломати мард аст,
Қудрати оҷизона мехоҳам.

Давлати тоҷирона хорам кард,
Давлати тоҷикона мехоҳам!..

*1991*

*   *   *

Дар ҳузури шаҳриёрон гиряи мо ханда аст,
Дар шуури бешуурон нағзии мо ганда аст.

Дорбозон аз фишори банди дор огаҳ наянд,
Киштаи пири қаноат неъмати поянда аст.

Базми мо аз бенизомӣ маҳшари худхор шуд,
Базми мо разми ниҳоношӯби шоҳу банда аст.

Дар талоши худшиносӣ хеши мо бегона шуд,
Саҳнаи ҷонкандани мо ҳикмати оянда аст.

Бо мадори сабри мо девори ғафлат шуд баланд,
Зулмат андар чашми хоболудҳо рахшанда аст.

Олами ҷӯёи ваҳдат бар муроди дил расид,
Сангари беёварӣ моро зи по афканда аст.

*1991*

* * *

Дар маҳфили шаҳ масъалаи оми дигар нест,
Афғони ниҳон арзаи аҳкоми дигар нест.

Мо завқи худодод ба ҳар бод набахшем,
Илҳоми қадар зевару инъоми дигар нест.

Дар хонаи мо хонахаробон ба ду навъанд;
Якро ҳаваси офияту коми дигар нест.

Озодии мурғони ҳаворо напарастем,
Эй банда, ба ҷуз банд саранҷоми дигар нест?!

Тақсири саҳар нест сияҳрӯйии модар,
Тифли гунаҳи мо писари шоми дигар нест.

Ойина сияҳ, кина сияҳ, ҷода сиёҳ аст,
Ойини сияҳро фару анҷоми дигар нест?!

Моро ба дари хоҷаи бадном сар уфтод,
Хушкарда бар он аст, ки хушноми дигар нест!

*1991*

*    *    *

Имшаб ба сози нағмаи борон гиристам,
Чун нахли тар зи ҳайбати тӯфон гиристам.

Барқи дилам ниҳон набуд аз барфи дидаам,
Бо ашки сард жолаи сӯзон гиристам.

Хуршед дар ҳиҷобҳо печида метапид,
Ман бар ниқоби иллати ирфон гиристам.

Худсӯз дида ворисп «Қонун»-у «Маснавӣ»[1],
Аз ҷилваи разолати инсон гиристам.

Афсонагӯи ворисам аз ҳарза хаста шуд,
Бар шонаи булӯрии тифлон гиристам.

Дилмондаи диёнати бегонамазҳабон,
Аз ҳиллаву хиёнати ёрон гиристам.

Дар остони ҳиммати ҳақдод, номурод,
Дар остин бесадо тӯфон гиристам.

Санге ба пойи хотири бахшандагон задам,
Чангам ба риши кӯсаи султон гиристам.

Гар бо радифи тундару тӯфон гиристам,
Алҳақ, ба ҷойи миллати гирён гиристам…

*1991*

[1] Асарҳои Сино ва Мавлоно.

*  *  *

Кӣ хонад байти огоҳии моро,
Кӣ донад дарди ҷонкоҳии моро?
Раҳи Помир бо шебу фарозаш,
Надорад гурми бероҳии моро.
Наҳанге мекашад бар коми таҳкаш
Ғизолу шоҳину моҳии моро.
Гадое, ки гадобегими мо шуд,
Бипӯшад хилъати шоҳии моро.
Ҳадиси Мустафову панди Зардушт
Насозад рост каҷхоҳии моро.
Худоро, то куҷо тӯри мадоро
Бипӯшад чашми огоҳии моро?!

*1991*

*  *  *

Кӣ дорад ҳусни шайдойии моро,
Кӣ донад ҳузни раҳпойии моро?
Тавозӯъ чораи бечорагон аст,
Таҳаммул қандаке чойии моро.
Тавоноист ҳадди нотавонӣ,
Тавоне ку тавонойии моро?
Ками моро фузун нанмуда гардун,
Чаро хоҳад фузунзойии моро?
Худоё, то ба кай хориву зорӣ,
Бигирад дасти танҳойии моро?!

*1991*

*   *   *

Зи гулзори муродам хор дорам,
Зи ҳузни шодиям озор дорам.
Як олам гиряҳои носуруда,
Як олам дилкуши дилхор дорам
Зи базму анҷуманҳо пой дар даст,
Гурезонам, зи рӯъё ёр дорам.
Зи савдои ҳунар, бе баҳра, бе зар,
Ба гирди номи худ бозор дорам…
Гар унвону нишонам нест, бигзор,
Як олам хасми унвондор дорам!

*1989*

*   *   *

Бе ту ман, эй соқии сармасти ҳиҷронҳо,
Гиря механдам ба ҷойи хандагирёнҳо,
Бо ҳавои сурфаи дамкоҳи тӯфонӣ,
Ҳарза мерақсам барои ҷумла сарсонҳо.
Сабзхушки шохборони тамузи ишқ,
Найқалам гӯӣ, ба айёми гулафшонҳо.
Бе ту сарсонам чу нури канда аз хуршед,
Дар замин, дар осмони оташистонҳо.
Бе ту танҳоям чу гӯри як мусофир,
Дар қадамгоҳи қадими боду боронҳо.
Устухони судаамро бод хоҳад бурд,
Аз пайи ту аз хиёбон, то биёбонҳо...

*1988*

* * *

*Катибае дар хишти девори зиндони шоир*

Рӯҳи озоди ту дар зиндон намегунҷид.
Шеъри исёни ту дар девон намегунҷид,

Он ки аз дарди Ватан дорост, медонад,
Дар дили ту дарди Покистон намегунҷид.

Меҳмони манзили ту мизбонат буд,
Дар маконат ончунон меҳмон намегунҷид.

Боғи хушку гулшани умеди бесоҳиб,
Дар хаёли бесару сомон намегунҷид.

Қалъа[1] сурху шаҳна сурху орзуҳо сурх,
Ранги хун андар раги тӯфон намегунҷид,

Боби озодӣ ба рӯят баста буд, шоир,
Рӯҳи озоди ту дар зиндон намегунҷид…

*1987*

[1] Қалъае дар шаҳри Лоҳури Покистон, ки шоир Файз Аҳмади Файз зиндонӣ буд.

*   *   *

Ба ёди ту чӣ шабҳое саҳар кардам,
Чӣ ғамҳое, ки бе ту пушти сар кардам.

Туро, эй хокии хокӣ, ба тахти ишқ,
Зи худ бологузар, болоназар кардам.

Вафо аз бевафо омӯхтам охир,
Вафоро дар набарди дил сипар кардам.

Чӣ исёне, ки бо худ кардаам бехуд,
Зи сирри хеш оламро хабар кардам…

Маро ту хоки раҳ кардӣ, амон бошӣ,
Туро ман тоҷи сар кардам, зафар кардам!

*1979*

*   *   *

Ту аз ман меравӣ имшаб, шаби дигар шаби ман нест,
Чаман ҳар сол механдад, насиби ман шукуфтан нест,

Насибам сӯхтан будаст, аз чашми ту даргирам,
Аз ин сармо халоси ман ба ҷуз ин сӯзи гулхан нест.

Шабу рӯзам ба як ранг аст, дар рӯи дилам санг аст,
Зи ишқи ту халосӣ нест, шомам бе ту равшан нест.

Ба ҷое мерасад корам зи дасти дидаи чорам,
Чӣ созам бо диле, ки аз ман асту лек бо ман нест.

Ҳамегӯянд моро ҷуфти ҳамовозу ҳампарвоз,
Вале ин гуфтугӯҳоро ҳақиқат ҳамчу арзан нест.

Раҳи ту сӯи дилҳо мумфаршу тахту наздик аст,
Раҳи ман то дили ту аз миёни боғу гулшан нест.

Бигирям кӯдакам хонӣ, бихандам гӯӣ бедард аст,
Чӣ созам, ки нахандиву нагӯӣ «ошиқӣ фан» нест.

Мизони ақли ман бар мекашад ҳам санг, ҳам тилло,
Вале чун бар кашад аҳволи худ гар санги садман нест?!

Ту аз ман меравӣ имшаб, шаби дигар шаби ман нест,
Чаман ҳар сол механдад, насиби ман шукуфтан нест,

*1976*

*   *   *

Бо ношноён сохта, бо хеш носозӣ кунам,
Аз шодии бахти дигар ҳар дам сарафрозӣ кунам,

Кабки рамида, бахти ман рафтаст пушти кӯҳи Қоф,
Бо бахти нобудам бубин умре замонсозӣ кунам.

Ту марди дунёдидаӣ, ман кӯдаки бероҳаам,
То ки нагирям аз алам бо дарди худ бозӣ кунам.

Гуфтӣ, ки чун рамзи вафо локии хушранге бидӯз,
Локии домодии ту умре гуландозӣ кунам.

Дар олами бисёру кам афзун бувад шодӣ зи ғам,
Бо бахтёрони ҷаҳон бояд ҳамовозӣ кунам.

Бо сад гуноҳу сад гувоҳ, бо шавқу рози бепаноҳ,
Худро намедонам чӣ сон аз хештан розӣ кунам.

*1975*

МУНДАРИЧА

Ту на онӣ, ки туро чун ҳамагон бишносам ............................. 5
Аз дуди гуноҳ шӯълагирам, бе ту ........................................ 6
Вақте ки ман зебо будам ........................................................ 7
Як манзара бефар шуд ............................................................ 8
Маъние нест ........................................................................... 9
Шӯъла дар даҳони дуд ........................................................ 10
Дар зарра тӯфон .................................................................... 11
Афсонаи маҳзун .................................................................... 12
Ин зинда бо хаёли ту ............................................................ 13
Бо хаёлат .............................................................................. 14
Нур омад .............................................................................. 15
Панҷа бар домони ҳақ .......................................................... 16
Дур аз ҳама .......................................................................... 17
Фасли гул рақси сабо ........................................................... 18
Маро ҳузни ғурури бепаноҳ ................................................. 19
Мерасад аз самои ишқ .......................................................... 20
Интизори наомада ................................................................ 21
Он фасл, ки навбаҳор буд .................................................... 22
Парфишон омадаам сӯйи ту ................................................ 23
Фасли беишқ ........................................................................ 24
Дар ҳавои тоза ..................................................................... 25
Субҳест, ки мекашад ............................................................ 26
Фасли меҳри Меҳргон буд ................................................... 27
Оне, ки ризои будаву будани мост ...................................... 28
Лол шавад забони ишқ ......................................................... 29
Кӣ дида дар ин даҳр ............................................................. 30
Ҳақнисори ишқ, ишқи меҳанам ........................................... 31
Чу нур аз чеҳраи хандони ман рафт .................................... 32
Шакурӣ марди дил ................................................................ 33
То шеър шиори дардзоди Ватан .......................................... 34
Дар ҳаво бӯйи баҳор аст ...................................................... 35
Фасли сарди берангист ........................................................ 36
Дар ин боғе, ки аз ҷаннат ..................................................... 37
Аз ҷон серам зи ғусса .......................................................... 38
Ҳар гаҳе аз барф озар ёфтӣ .................................................. 39

Фасли гули себ ........ 40
Адлро довар туӣ, ту ........ 41
Ба фасли худ зи асли худ ........ 42
Дар номи ту як завола ........ 43
Ба касе нест дигар ........ 44
Шоири дини ҷалол ........ 45
Фасли баҳор шуд ........ 46
Хуршед ба бом омад ........ 47
Аз валвалаи мастон ........ 48
Омадам, аз васли ҳиҷрон ........ 49
Дар лаби хӯса достонам ........ 50
Ҳамехоҳам, ки зебо бошаму барно ........ 51
Дорам сари танҳоӣ ........ 52
Ҳанӯз, эй талхи ширин ........ 53
Ғуруб асту тулӯъи боварам деҳ ........ 54
Дар марги ишқ пеши худ ........ 55
Ишқи рафтаро дидам ........ 56
Саноят мекунам, эй ишқ ........ 57
Эй зи ҳама набудаҳо ........ 58
Дар шаҳр касе нест ........ 59
Ту куҷоӣ, ки ҷаҳон ........ 60
Шаббода таҳорат кард ........ 61
Васли ғуссазо дорам ........ 62
Бо баҳори нав ........ 63
Аз Бохтару Суғдам ........ 64
Миқрози поям хӯрда шуд ........ 65
Дар худ фурӯ рафтам ........ 66
Парвози фар надорад ........ 67
Зи чашми чашма сел омад ........ 68
Гулбонги суруши чашма ........ 69
Раҳбараҳ чун нури маҳ ........ 70
Танҳойи туро дилам ........ 71
Шуурам ҳарза мебофад ........ 72
Хотира хор мекашад ........ 73
Бо ёди ту хоҳам зист ........ 74
Пур аз ту бувад дунё ........ 75
Шеваи барбарӣ гузашт ........ 76

Дар дилам ашку оҳ ........................................................ 77
Бе ту асару самар надорам ................................................ 78
Сари ман ниёз дорад ......................................................... 79
Фасли гул гулнисор .......................................................... 80
Таронасон наомадӣ .......................................................... 81
Аз чашма биомӯзед .......................................................... 82
Ба ҳазору як тарона .......................................................... 83
Ин баҳорон, ин баҳорон .................................................... 84
Шоири ояндаам ................................................................ 85
Омадам дар ҷустуҷӯи одамӣ .............................................. 86
Биё, равони равона ........................................................... 87
Пайки гул будаму .............................................................. 88
Ба ситораи нигоҳат ........................................................... 89
Ашк дар чашми мадоро ..................................................... 90
Дар найкада мавзун аст .................................................... 91
Маҳ менигарад бефараҳ .................................................... 92
Пайкари сардам ................................................................ 93
Паси девори ту ҷойи қадаме ............................................... 94
Дар остин гиристам .......................................................... 95
Навбаҳор асту гулу хор ..................................................... 96
Фасли гулафшон асту ман .................................................. 97
Маро чун бод озод офариданд ............................................ 98
Ман он гулам .................................................................... 99
Ба диёри гул расидам ...................................................... 100
Мурғи ситора мепарад ..................................................... 101
Мастиям шевотарин ........................................................ 102
Паёми ишқ мерасад ......................................................... 103
Ашки булбул атри гул шуд ............................................... 104
Байни нигоҳи ману ту ...................................................... 105
Ман ишқро зи ҷавҳари нафрат .......................................... 106
Шеър, асрори хумори будан ............................................. 107
Баъди сукуту хобҳо ......................................................... 108
Ба ман офтоб бинмо ........................................................ 109
Арғушти накҳати гул ....................................................... 110
Ҳайфи ман, ҳайфи ҳама ................................................... 111
Шоири танҳоиям ............................................................ 112
Ман ки дидори худоро ..................................................... 113

Зиндагӣ бо чашми гирён ........................................................ 114
Кист дар вуҷуди ман ................................................................ 115
Зиндагӣ бигзашту .................................................................... 116
То нафас...................................................................................... 117
Ҳарчанд паси пардаи асрор ................................................... 118
Зиндагӣ дар шитоб ................................................................... 119
Эй ишқ, ба дунёи ту.................................................................. 120
Шаб ба поён мерасад................................................................ 121
Хушномаму бадномам ............................................................ 122
Дардам гузашт .......................................................................... 123
Ману ман то саҳар .................................................................... 124
Ман ба овои гул ......................................................................... 125
Чашмони ту тарҷумони дарданд ............................................ 126
Ман дардро ба тоқати дармон ................................................ 127
Ҷонро чи кунам........................................................................... 128
Он ки аз ман биравад................................................................ 129
Дар ҳисори нотавонӣ................................................................ 130
Гули рухсор будам..................................................................... 131
Хор дар дил ................................................................................ 132
Ба ҳарамгоҳи малак ................................................................. 133
Санг будам, садо шудам........................................................... 134
Зиндагиро дар қиёси суру мотам ............................................ 135
Рафтаам аз ёдҳо......................................................................... 136
Барои зарду хазон ..................................................................... 137
Дар хонаи мо ҷуз ғами ту.......................................................... 138
Дар миёни ҳотаи гул.................................................................. 139
Хаёлат шоми ҳиҷронро зиё....................................................... 140
Агар дидори ман хоҳӣ................................................................ 141
Яздони меҳрбон оқибат ҳиҷронро васл сохт ........................ 142
Хобӣ агар бедор шав ................................................................ 144
Баҳор мерасад ........................................................................... 145
Лаҳза қарнеро зи диде дида..................................................... 146
Фазл безабон омад..................................................................... 147
Нури илоҳ медамад ................................................................... 148
Сабзнозу сабзрозу сабзэъҷозам.............................................. 149
Гарди зулмат хирабинам........................................................... 150
Шарме накард наврӯз................................................................ 151

Дар ин диёр шеваи ваҳдат........................................................ 152
Аз барги зард........................................................................ 153
Ватан, фарҳангу осорат.......................................................... 154
Зиндагиям мадор мехоҳад ...................................................... 155
Зи чашми сард........................................................................ 156
Раҳ мекашам.......................................................................... 157
Ҳосидонам ҳуққабозӣ мекунанд .............................................. 158
Зи санги роҳ маъдан .............................................................. 159
Хуршед фари сиё гирифта ....................................................... 160
Кам дар ками кам намуданат.................................................... 161
Дар ин вайрона деви ҷаҳл ....................................................... 162
Яке муслим, яке кофар............................................................ 163
Наҳр дар ашки дамон .............................................................. 164
Ҳангоми дамидани даман ........................................................ 165
Аз дағдағаи замон................................................................... 166
Бар ғамзада уд ....................................................................... 167
Базми мастӣ масти озам.......................................................... 168
Аз дили шаб ситора................................................................. 169
Дӯстро бениқоб мехоҳам ......................................................... 170
Зи дори дар заминам............................................................... 171
Ҳеҷ кас намеояд...................................................................... 172
Чашмам ба дару чашми ҳаросам............................................... 173
Боз Мансур ба зери дор........................................................... 174
Нафаси беҳавасӣ..................................................................... 175
Сози борон таронаи рӯд .......................................................... 176
Рози қисмат оздорам .............................................................. 177
Бо замона забон ..................................................................... 178
Худоё, шод кун ....................................................................... 179
Чу ҳаво аз нафаси ноқили ту ................................................... 180
Надорад сар............................................................................ 181
Бечора дилам ҷудо.................................................................. 182
Ин қавм ба худхории мо .......................................................... 183
Эй гул, гули бебаҳор ............................................................... 184
Безабонро забона мехоҳам....................................................... 185
Дар ҳузури шаҳриёрон............................................................. 186
Дар маҳфили шаҳ.................................................................... 187
Имшаб ба сози нағмаи борон ................................................... 188

Кӣ хонад байти огоҳии моро ........................................... 189
Кӣ дорад ҳусни шайдойии моро ......................................... 189
Зи гулзори муродам........................................................... 190
Бе ту ман, эй соқӣ ............................................................ 190
Рӯҳи озоди ту дар зиндон ................................................. 191
Ба ёди ту чӣ шабҳое.......................................................... 192
Ту аз ман меравӣ имшаб .................................................... 193
Бо ношноён сохта ............................................................. 194

**Гулрухсор**

**ОФТОБ ДАР СОЯ**
*(Дафтари ғазал)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*
Ҳуруфчини компютерӣ *Ҳадия Сафолова*

Ба матбаа 01.04.2016 супурда шуд.
Чопаш 14.04.2016 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 12,5. Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар ҶСК «Матбуот» чоп шудааст.
734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37